<tr><td>прочие отрасли промышленности</td><td>1512,1</td><td>1636,3</td><td>1690,3</td><td>5,8</td><td>1375</td><td>29,1</td><td>8</td><td>0,9</td><td>7,8</td></tr>
</table>

**Источник:** Промышленность Республики Таджикистан в 2022г. / Главное управление Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Душанбе, 2022. – С.90.

Как показали результаты портфельного анализа, отрасли, которые обладают наиболее высоким потенциалом инвестиционного развития для промышленности Согдийской области, являются пищевая промышленность, производство резиновых и пластмассовых изделий, производство неэнергетических материалов и металлургическое производство. Так как, эти отрасли находятся на благоприятных квадрантах матрицы, т.е на втором и третьем (рисунок 2).

Например, для пищевой промышленности Согдийской области как видно из таблицы 2 основным конкурентом выступает пищевая промышленность Хатлонской области, для производства резиновых и пластмассовых изделий региона основным конкурентом выступает производства резиновых и пластмассовых изделий города Душанбе и т.д. Данный методический подход к выявлению наиболее приоритетных отраслей с точки зрения инвестиционной активности, применен и к другим отраслям промышленности Согдийской области Республики Таджикистан.




**Рисунок 1. – Матрица портфельного анализа для промышленности СО РТ за 2016-2021 гг.**

Так как пищевая промышленность выступает лидером инвестиционной активности в регионе и, как результат, обладает большим потенциалом для инвестиционного развития, методы портфельного анализа применены для выявления наиболее привлекательных подотраслей данного сектора. Таковыми являются: производство кондитерских изделий, безалкогольных напитков, колбасных изделий, макаронных изделий, сухофруктов.

Расчеты показывают, что стратегическая траектория развития таких подотраслей пищевой промышленности, как производство кондитерских изделий, безалкогольных напитков, колбасных изделий, макаронных изделий, минеральной воды и сухофруктов, характеризуется как прогрессивная траектория новатора, так как все виды производства находятся в благоприятных квадрантах матрицы с точки зрения инвестирования их расширенного воспроизводства. Исходя из этого, все усилия должны быть сконцентрированы на увеличении объемов производства данных продуктов, так как они являются лидерами в своих секторах экономики и обладают наиболее высоким уровнем инвестиционной активности.

**В третьей главе работы - «Формирование стратегического планирования инвестиционного развития Согдийской области РТ» -** разработан комплекс мер стратегического характера, способствующие инвестиционному развитию региональной экономики для приоритетных отраслей, а также проведена укрупненная оценка эффективности внедрения предложенных мер стратегического плана инвестиционного развития региональной экономики.

Разработка Стратегии инвестиционного развития Согдийской области требует анализ текущей состоянии реализующих стратегических документов в регионе. Анализ существующих программ развития показал, что процессу привлечения инвестиций уделяется пристальное внимание. В то же время как показывает практика, разработанные меры недостаточны для динамичного инвестиционного развития экономики. Это объясняется с тем, что в настоящее время основная часть привлеченных инвестиций направлены в сырьевые отрасли экономики.

При разработке стратегического плана инвестиционного развития Согдийской области использован опыт успешных регионов Российской Федерации: Ростовской, Ивановской областей и Челябинска, а также Казахстана в достижении устойчивых темпов экономического роста, через обеспечение высокой эффективности используемых инвестиционных ресурсов. Выбор этих регионов обоснован тем, что результаты реализации стратегических планов являются значительными и отраслевая структура экономики данных регионов во многом схожа с отраслевой структурой Согдийской области.

В процессе разработки стратегического плана инвестиционного развития региональной экономики немаловажной задачей выступает переориентация с финансирования в добывающие отрасли на инвестирование отраслей и

производств, обладающих конкурентными преимуществами высокого ранга, которые позволяют производить востребованную на рынке продукцию меньшими, чем у конкурентов, общественно необходимыми затратами. Как показало исследование, такие отрасли и производства имеют высокие темпы роста и находятся в квадранте «рост» матрицы портфельного анализа. По нашему мнению стратегические планы развития должны фокусировать имеющиеся материальные, финансовые, трудовые ресурсы именно в эти отрасли, что позволит достичь инвестиционного развития региона. Выбор конкретных регионов для сравнения обусловлен их схожими экономическими параметрами и структурой производства.

В таблице 5 обоснованы меры, которые можно включить в стратегический план инвестиционного развития региональной экономики. Некоторые проблемы как например, “отток высококвалифицированных кадров”, “низкий уровень инновационной активности экономики региона и подотраслей» данной отрасли являются общими, поэтому преодолевая эти проблемы на уровне отрасли, можно достичь высоких экономических результатов. Однако на сколько сильно предложенные меры повлияют на состояние экономики с точки инвестирования можно выявить на основе прогнозов (таблица 5).

В работе проведен прогноз увеличения валового регионального продукта в результате реализации комплекса мер, направленных на повышение инвестиционной активности. Прогноз основан на положениях кейнсианской теории о действии мультипликатора инвестиций. Он показывает соотношение между приростом дохода, в данном случае - на уровне региона – валовым региональным продуктом, и вызывающим этот прирост увеличением объема инвестиций.

Значение мультипликатора инвестиций, рассчитанного за период 2015-2021 годов для Согдийской области РТ, составил 1,1, т.е. каждый процент увеличения инвестиций приводит к увеличению ВРП на 1,1%. Данного изменения далеко не достаточно для перехода экономики на инвестиционный путь развития.

В качестве сравнения в работе рассмотрены успешно реализованные стратегические планы развития ряда регионов РФ: например, мультипликатор инвестиций в Ростовской области составляет 5,7%, в Ивановской области - 3,4%.

Адаптация успешно реализованных мер, направленных на повышение эффективности инвестиций в рассматриваемых регионах, к реалиям экономики Согдийской области и, как результат, повышение инвестиционной активности позволяет заключить, что темпы регионального экономического роста могут увеличиться до 1,5 раза. Это позволит экономике Согдийской области перейти на инвестиционный путь развития.

**Таблица 5. - Меры, включенные в стратегический план инвестиционного развития пищевой промышленности Согдийской области РТ**

| Проблемы | Стратегия | Действия | Сроки | Ожидания |
|---|---|---|---|---|
| 1. Отток высококвалифицированных трудовых ресурсов | Реализация стратегии управления трудовыми ресурсами | • Изучение проблемы миграции населения;<br>• Создание новых рабочих мест на основе привлечения новых бизнес идей и предприятий | 2021-2030 | Создание баланса на трудовом рынке (повышение конкурентоспособности трудовых ресурсов региона) |
| 2. Информационная непрозрачность ведения бизнеса | Организация компании по развитию предпринимательства | • Подбор персонала для компании по развитию предпринимательства;<br>• Переход на международные стандарты отчетности. | 2021-2025 | Увеличение доли иностранных инвестиций |
| 3. Сложности бюрократического характера в процессе открытия нового бизнеса | Разработка механизма открытия нового бизнеса | • Разработка форм инвестиционных соглашений и установление четкого порядка их заключения;<br>• Доступ к налоговым и иным законодательным актам РТ на английском языке | 2020-2025 | Упрощение процедуры открытия нового бизнеса |
| 4. Несвоевременная и неполная информация о приоритетных отраслях экономики для инвесторов | Разработка определенного механизма оценки приоритетных отраслей экономики | • Создание рейтинга инвестиционного и предпринимательского климата в региональном разрезе | 2021-2025 | Привлечение инвестиций в приоритетные отрасли экономики региона |
| 5. Нехватка квалифицированных специалистов в пищевой промышленности | Разработка программы повышения квалификации трудовых ресурсов | • Формирование прогноза региональной потребности в востребованных профессиях и специальностях среднего профессионального образования, по специальностям и направлениям подготовки специалистов высшего образования по видам экономической деятельности | 2021-2030 | Повышение уровня квалификации специалистов |
| 6. Низкий уровень инновационной активности экономики региона и подотраслей | Формирование региональных инновационно-ориентированных центров развития | • Создание инновационно-технологических центров;<br>• Организация Фонда по развитию малых форм предприятий в научно-технической сфере. | 2021-2030 | Увеличение доли инновационно усовершенствованных товаров |
| 7. Низкий уровень конкурентоспособности производимой продукции | Стратегия дифференциации | • Осуществление модификации выпускаемых товаров в соответствии с новыми вкусами и потребностями;<br>• Регулярное развитие и совершенствование системы сервисного обслуживания реализуемых товаров и стимулирования сбыта в целом | 2021-2025 | Повышение конкурентоспособности производимой продукции |

**Источник:** Составлена автором на основе Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030г.

## ЗАКЛЮЧЕНИЯ

### Основные научные результаты диссертации:

Проведенное исследование позволило сформулировать следующие выводы и предложения:

1. Формирование научно обоснованного определения инвестиционного развития региональной экономики в контексте развития теории экономического роста как высокой степени инвестиционной активности, позволяет достичь динамичного и устойчивого развития экономики региона путем приобретения или развития его конкурентных преимуществ высокого ранга. Основными показателями инвестиционной активности региона выступают следующие: объем чистых инвестиций, коэффициент обновления основных фондов, норма накопления основного капитала, коэффициент эффективности инвестиций в основной капитал, уровень инновационности экономики, доля валовых сбережений в ВРП [4-А].

Как показывает мировая практика, успешное инвестиционное развитие регионов, достижение устойчивого регионального роста возможны путем создания благоприятной инвестиционной среды. Государственные и региональные органы управления выступают драйвером повышения инвестиционной мотивации у отечественных и зарубежных экономических агентов. Немаловажную роль в достижении поставленных целей играет создание общественных и государственно-частных партнерских организаций в виде инновационно-технологических центров и фондов по развитию предприятий в научно-технической сфере [2-А].

2. Анализ инвестиционного развития экономики Согдийской области показал, что положительная величина чистых инвестиций свидетельствует о присутствии в экономике расширенного производства. Низкий уровень коэффициента обновления основных фондов не соответствует обоснованным нормам, так как в экономиках с низким уровнем дохода данный показатель должен расти более быстрыми темпами, чем в экономиках с высоким уровнем дохода. Таким же образом значения остальных четырех показателей: нормы накопления основного капитала, коэффициента эффективности инвестиций в основной капитал, уровня инновационности экономики и доли валовых сбережений в ВРП позволяет заключить, что для региона характерно преимущественно безынвестиционное развитие экономики [4-А].

3. Ограниченность объемов инвестиций и необходимость повышения эффективности их использования обусловливает необходимость направления инвестиционных ресурсов в наиболее приоритетные отрасли экономики. Такими отраслями и производствами, по нашему мнению, выступают отрасли, находящиеся на благоприятных квадрантах матрицы портфельного анализа. В Согдийской области Республики Таджикистана высоким потенциалом инвестиционного развития обладают пищевая промышленность, производство резиновых и пластмассовых изделий, неэнергетических материалов и металлургическое производство. Существующая ситуация в развитии отраслей оценивается ниже среднего уровня. Стратегическая траектория развития подотраслей пищевой промышленности: производство кондитерских

колбасных изделий, безалкогольных напитков, макаронных изделий, минеральной воды и сухофруктов характеризуется как прогрессивная траектория новатора [10-А].

4. Практика показывает, что поступление иностранных инвестиций в экономику Согдийской области РТ имеет положительный тренд. Следует отметить, что объемы иностранных инвестиций в экономику области за последние годы опережают внутренние инвестиции, в качестве которых выступают государственные и частные капитальные вложения. Но несмотря на то, что в регионе наблюдается общее увеличение инвестиций, этих объемов явно недостаточно для устойчивого экономического развития. Для достижения инвестиционного развития следует направить ограниченные иностранные и внутренние инвестиционные ресурсы в отрасли, где наблюдается их наиболее эффективное использование [9-А].

5. Оценка факторов, влияющих на экономику Согдийской области, на основе EFAS - анализа показал, что нынешняя ситуация в регионе оценивается как ниже средней. Сильная зависимость экономики Согдийской области от изменения внешних факторов и от факторов внутреннего характера, снижающих инвестиционную активность в регионе обуславливает такое состояние. В связи с этим, для достижения целей и задач долгосрочного развития экономики, целесообразно на уровне отдельных регионов разрабатывать стратегические планы, где стратегия инвестиционного развития будет выступать ключевым самостоятельным элементом. Такой подход позволит обосновать комплекс мер по планированию стратегии инвестиционного развития, в том числе: создание национального рейтинга инвестиционного и предпринимательского климата в национальном и региональном разрезе, создание инновационно-технологических центров, организация группы для оценки состояния основных фондов предприятий ведущих отраслей (для предприятий трех приоритетных отраслей промышленности), доступ к налоговым и иным законодательным актам РТ на английском языке (для привлечения иностранных инвестиций в отрасли по производству готовых металлических изделий) [11-А].

## Рекомендации по практическому использованию результатов исследования:

1. Для реализации инвестиционного пути развития необходимо сформировать стратегию инвестиционного развития региона как единое целое, выступающее как самостоятельная ключевая программа действий, которая учитывает отраслевые особенности и степень обеспеченности региона материальными, трудовыми и финансовыми ресурсами. Алгоритм формирования стратегии состоит из семи этапов и основан на постулатах портфельного анализа региональной экономики.

2. Для определения приоритетных региональных отраслей с точки зрения инвестирования рекомендуется использование стратегического портфельного анализа, который строится на учете темпов роста отрасли и относительной доли рынка отраслей производства. Кроме того, по результатам портфельного

анализа сегодняшнее состояние промышленности Согдийской области РТ с точки зрения инвестиционного развития региональной экономики оценивается в 3 балла из 10, т.е. ниже среднего уровня. Приоритетными отраслями для инвестирования выступают отрасли пищевой промышленности и производство резиновых и пластмассовых изделий. Первоочередное направление инвестиционных ресурсов в перечисленные отрасли приведет к наибольшей отдаче.

3. В Согдийской области Республики Таджикистан процесс стратегического планирования заканчивается среднесрочным планом развития региона. При планировании стратегии на уровне регионов необходимо разработать стратегические планы, а не заканчивать данный процесс среднесрочными программами. Поэтому рекомендуется разработка стратегического плана развития не только на уровне страны, но и на уровне области, где ключевым элементом выступает стратегия инвестиционного развития региона.

4. Проведенные расчеты эффективности инвестиций в Согдийскую область Республики Таджикистан показывают, что каждый процент увеличения инвестиций обусловливает незначительное повышение ВРП региона (1,1 процента). Это намного меньше, чем в регионах Российской Федерации, близких по отраслевой структуре экономики и объемам промышленного производства. Разработка стратегического плана инвестиционного развития с учетом использования адаптированных мероприятий из зарубежного опыта, в том числе из опыта Ивановской и Ростовской областей РФ, позволяет повысить эффективность инвестиций и получить экономическую отдачу, значительно превосходящую существующие результаты.

## ПЕРЕЧЕНЬ НАУЧНЫХ ПУБЛИКАЦИЙ СОИСКАТЕЛЯ УЧЁНОЙ СТЕПЕНИ

### I. Статьи в журналах, рекомендованных ВАК при Президенте РТ

[1-А]. Акилджанова Ш.Ю. Сущность и типы стратегического планирования инвестиционного развития региона / Ш.Ю. Акилджанова // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – №3 – С.108-115.

[2-А]. Акилджанова Ш.Ю. Современное состояние экономики и развитие инвестиционных процессов Согдийской области РТ / Ш.Ю. Акилджанова // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. – №3 (319). – С.85-89.

[3-А]. Акилджанова Ш.Ю. Алгоритм стратегического планирования инвестиционного развития экономики региона / Ш.Ю. Акилджанова, М.Ю. Юлдашева **// Вестник ТГУПБП. Серия общественных наук. – 2019. – № 3 (81). – С. 77-88.**

[4-А]. Акилджанова Ш.Ю. Методология определения и оценки инвестиционного развития региональной экономики / Ш.Ю. Акилджанова, М.М. Авезова // Вестник Российско-Таджикского (славянского) университета. – 2021. – №3-4 – С.45-57.

## II. Научные статьи и работы, опубл1икованные в других изданиях

**[5-А].** Акилджанова Ш.Ю. Механизм оценки инвестиционной привлекательности Республики Таджикистан / Акилджанова Ш.Ю. // Международная Олимпиада научных работ молодежи «Инновационная Евразия» УРГЭУ. Екатеринбург, 2015. – С.71-73.

[6-А]. Акилджанова Ш.Ю. Механизм оценки инвестиционной привлекательности Согдийской области Республики Таджикистан / Ш.Ю. Акилджанова // Материалы 2-й Международной научно – практической конференции на тему «Перспективы и факторы обеспечения устойчивого развития экономики» ПИТТУ, - Худжанд, 2015. –С.117-123.

[7-А]. Акилджанова Ш.Ю. Экономико-математическое моделирование влияния инвестиций на экономику Согдийской области РТ / Ш.Ю. Акилджанова, П.У. Файзиева // ВЕСТНИК ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2016. – №1 (142). –С.125-130.

[8-А**].** Акилджанова Ш.Ю. Пути повышения степени диверсификации на предприятиях промышленности (на примере ЗАО "Зерновая компания" / Ш.Ю. Акилджанова, // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2017. – №2 (142). –С.125-130.

[9-А**].** Акилджанова Ш. Ю. Оценка современного состояния развития инвестиционных процессов Согдийской области РТ / Ш. Ю. Акилджанова // Россия в XXI веке: глобальные вызовы и перспективы развития: Материалы 9-го Международного форума,– Москва: Федеральное государственное бюджетное учреждение науки Институт проблем рынка Российской академии наук, 2020. – С. 467-470.

[10-А**].** Акилджанова Ш. Ю. Стратегический анализ современного состояния региональной экономики как важный этап инвестиционного развития / Ш.Ю. Акилджанова, М.М. Авезова // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2021. – № 1. С.53-61.

[11-А]. Акилджанова Ш.Ю. Концептуальные направления стратегического планирования инвестиционного развития региона / Ш.Ю. Акилджанова, М.М. Авезова // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2022. – № 1. С.62-68.

**ДОНИШКАДАИ ПОЛИТЕХНИКИИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АКАДЕМИК М.С. ОСИМӢ ДАР ШАҲРИ ХУҶАНД**

**ВБД 330.322**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ОҚИЛҶОНОВА ШАҲНОЗА ЮНУСОВНА**

# БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГИИ РУШДИ ИНВЕСТИТСИОНИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА

**(дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

## АВТОРЕФЕРАТИ

**диссертатсия барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**ХУҶАНД – 2023**

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти муҳандисӣ ва менеҷменти Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Авезова Маҳбуба Мухамедовна,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти муҳандисӣ ва менеҷменти ДПДТТ ба номи академик М. С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Комилов Сирочиддин Джалолиддинович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодиёти Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон |
| | **Салиева Ҳилола Шодибоевна,** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедри иқтисодиёт ва менеҷменти Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии МИСИС дар шаҳри Душанбе |
| **Муассисаи тақриздиҳанда:** | **Институти иқтисодиёт ва демографияи академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** |

Ҳимоя санаи «______» ____________ соли 2023 соати _______ дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи 1, e-mail: dstsulbp@mail.ru, телефон котиби илмӣ: (+992) 927711342.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон http: //ds.tsulbp.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «________» _____________ соли 2023 тавзеъ шудааст

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсиони 6D.КОА-013**
**н.и.и, дотсент** **Самадова З.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа бо имкониятҳои калони афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии молҳои ватанӣ дар бозорҳои беруна алоқаманд аст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ ба сифати роҳи ҳалли масъалаҳои саноатикунонии босуръат муҳимияти раванди сармоягузориро ба соҳаҳои иқтисодиёт тавассути амалигардонии тадбирҳои мушаххас дар самти беҳтар намудани муҳити инвеститсионӣ ва ҷалби бештари инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ таъкид кард[6].

Дар баробари ин, гузаштан ба роҳи босуръати тараққиёт чи дар сатҳи хоҷагии халқ ва чи дар сатҳи минтақаҳои он сармоягузории зиёдро талаб мекунад.

Маҳдудияти сармоягузорӣ дар замони ҳозира зарурати банақшагирии стратегии рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа (БСРИИМ)-ро ба миён меорад, зеро методҳои банақшагирии стратегӣ дар сатҳи минтақаҳои алоҳида ба истифодаи афзалиятҳои рақобатии он, муайян кардани бахшҳои аз ҳама самараноки иқтисодиёти минтақа, ки инкишофи онҳо самараи ҳадди аксар меоранд ва тамаркуз додани захираҳои инвеститсионӣ дар самтҳои афзалиятнок имконият фароҳам меорад. Дар натиҷа, ба суръати баланд ва динамикии рушди иқтисодиёт дар марҳилаи дарозмуддат ноил гардидан мумкин аст. Чунон ки натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, алҳол дар вилояти Суғд саноати хӯрокворӣ, истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ, истеҳсоли масолеҳи ғайриэнергетикӣ ва истеҳсолоти металлургӣ ба ҳайси соҳаҳои афзалиятнок баромад мекунанд. Ҷалби ҳадафманди инвеститсияҳои дохилию хориҷӣ маҳз ба ҳамин соҳаҳо имконият медиҳад, то ки рушди босуръати инвеститсионии иқтисодиёти минтақа ба даст оварда шавад.

Алҳол дар мамлакат раванди банақшагирии стратегӣ дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ амалӣ мегардад. Стратегияи миллии рушд (СМР)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 қабул шудааст, ки мақсади асосиаш баланд бардоштани сатҳи ҳаёти аҳолии мамлакат тавассути рушди ба инвеститсияҳо асосёфта мебошад. Барои татбиқи афзалиятҳо, ки дар барномаҳо муайян карда шудаанд, дар давоми солҳои 2013-2021 бештар аз 90 лоиҳаи инвеститсионии давлатӣ амалӣ гардонида, ба иқтисодиёти мамлакат ба маблағи бештар аз 17,3 млрд.сомонӣ инвеститсияи давлатӣ гузошта шуд. Айни замон дар сатҳи минтақаҳо алҳол ҳам дар назария ва ҳам дар амалияи азхудкунии модели банақшагирии стратегӣ қадамҳои аввалин гузошта шудаанд.

Гузариш ба банақшагирии стратегӣ дар сатҳи минтақа дар сиёсати давлатӣ лаҳзаи муҳим ба шумор меравад, зеро ба ташаккули консепсияи ягонаи рушди минтақавӣ, таҳияи муносибатҳои назариявӣ ва методологӣ дар самти асоснок кардани афзалиятҳо дар инкишофи минтақаҳои мушаххас, ошкор

---

[6] Паёми Президент Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе. 26.12.2019. http://president.tj/ru ( санаи муроҷиат 22.07.2020).

сохтани муаммоҳои тараққиёти минтақа ва муайян кардани роҳҳои имконпазири ҳалли онҳо имконият медиҳад.

Ғайр аз ин қайд кардан зарур аст, ки ба натиҷаҳои ба даст омада нигоҳ накарда фаъолнокии мавҷудаи инвеститсионии минтақаҳои мамлакат барои ҳалли вазифаҳои ба миён гузоштаи стратегӣ кофӣ нест. Чӣ тавре ки амалия нишон медиҳад, лоиҳаҳои инвеститсионии амалкунандаи бахши воқеии иқтисодиёт бештар хусусияти ашёихомӣ доранд, ки ҳаҷми арзиши иловаи онҳо нисбатан паст аст ва суръати баланди рушди иқтисодиро таъмин намекунанд. Бинобар ин, ба соҳаю истеҳсолоти аз лиҳози самаранокӣ афзалиятнок равона кардани захираҳои маҳдуди инвеститсионии минтақа вазифаи муҳимми назариявию методӣ ва амалӣ мебошад.

Муаммо дар он аст, ки вобаста аз давраҳои сикли ҳаётии фаъолият соҳаҳову истеҳсолоти иқтисодиёти минтақа ба захираҳои инвеститсионӣ талаботи гуногун доранд ва ба натиҷаи ниҳоӣ – суръати рушди иқтисодиёти минтақа саҳми гуногун мегузоранд. Айни замон, масъалаҳои назариявию методии банақшагирии стратегии тараққиёти минтақаҳо, ки боздеҳии инвеститсияҳои гузоштаро вобаста аз марҳилаҳои давраҳои сикли ҳаётӣ, ҳамчунин моҳияту мазмун ва арзёбии рушди инвеститсионии иқтисоди минтақаро ба ҳисоб мегиранд, ба қадри кофӣ коркард нашудаанд.

Ҷалб кардани захираҳои маҳдуди инвеститсионӣ ба соҳаҳои муҳими иқтисодиёт, тавассути самараи мултипликативӣ суръати баланди афзоиши маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ (МММ)-ро таъмин мекунад.

**Дараҷаи коркарди масъала.** Асарҳои як қатор олимони рус ба рушди инвеститсионӣ бахшида шудааст, ба монанди: К.И. Шевченко, О.В. Мазур, Д.В. Пискарев, Е.П. Хокшанова, О.Ю. Канибекова, Е.А. Зекиряева, Н.А. Шибаева, Н.А. Квашнина, О.В. Захарова, В. Стародубровский, Д. Волошук, Т.Н. Маршова, В.И. Истомина, В.В. Сулимин, Б.Е. Уткин, Я.М. Миркин ва дигарон. Дар асарҳои олимони номбаршуда, моҳият ва мазмуни мафҳуми «рушди сармоягузорӣ» кушода шуда, нақши он дар рушди иқтисоди минтақа қайд карда шудааст.

Дар мавриди баррасии муаммоҳои рушди навъи инвеститсионии иқтисодиёти миллӣ, саҳми назаррасро олимон ба монанди академик Р.К. Раҳимов, Ҳ.У. Умаров, Ҷ.Х. Тағоев, Р.Б. Бердиев, А.Б. Мирсаидов, С.Ҷ. Комилов, А.К. Сафоева, Т.Р. Ризоқулов гузоштаанд, ки асарҳои онҳо ба ҷиҳатҳои гуногуни маблағгузорӣ ба рушди иқтисодиёт бахшида шудаанд.

Масъалаҳои методии таҳияи нақшаи стратегии рушди минтақаро олимони машҳури рус ва хориҷӣ, аз ҷумла: А.Г. Гранберг, Б.С. Жихаревич, А.Л. Гапоненко, В.Н. Виноградов, О.В. Эрлих, В.А. Гневко, А.Е. Балабанов, В.И. Самаруха, Т.Г. Краснова, А.П. Сирбу, С.Н. Паско, Е.П. Хокшанова, Д.Р. Абулгазин, Й. Шумпетер, Я. Тинберген, О.Л. Некрасова ва дигарон мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар осори илмии онҳо мақсад ва механизмҳои ташаккули стратегияи рушди минтақаҳо инъикос ёфтаанд.

Дар осори олимони ватанӣ Л.Ҳ. Саидмуродов, А.Х. Авезов, С.Ҷ. Комилов, А.А. Бойматов, Т.Р. Ризоқулов, А.А. Назаров, Ҳ.У. Умаров, М.М. Авезова, М.М. Исмоилова, Ҳ.Ш. Салиева, А.К. Сафоев, К.С. Раупов, Ҷ.Х.

Тагоев, Р.Б. Бердиев, Ш.Ш. Бозоров, З.И. Асророва роҳҳои таҳияи нақшаи стратегии рушди ҳам мамлакат ва ҳам минтақаҳои он инъикос ёфтаанд.

Ба доираи нисбатан васеи асарҳое, ки ба банақшагирии стратегии иқтисодиёти минтақа бахшида шудаанд, нигоҳ накарда, масъалаи мазкур аз нуқтаи назари инкишофи инвеститсионии он мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст, ҳарчанд бисёр муаллифон стратегияи инвеститсиониро чун қисми таркибии нақшаи стратегии рушди минтақа ба риштаи таҳлил кашидаанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло вазифаи ҷамъбасти таҳқиқоти назариявӣ ва методӣ дар соҳаи таҳияи нақшаи стратегии рушди минтақа ва дар асоси онҳо ба вуҷуд овардани муносибати методӣ ба мадди аввал мебароянд, ки ба таҳияи нақшаи стратегии рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа (РИИМ) имкон медиҳад ва маҳз ҳамин нукта мубрамияти мавзӯи таҳқиқро муайян менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқот дар асоси самтҳои асосии фаъолият мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (б. 1.1, 1.4, 3.2 ва 5.4); Барномаҳои миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025, Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2016-2020 асос ёфтааст. Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025. Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2016-2020 ва инчунин барои солҳои Среднесрочная программа социально-экономического развития Согдийской области на период 2016-2020 гг., а также на период 2021-2025 гг.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти** диссертатсионӣ инкишофи муқаррароти назариявӣ-методӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба банақшагирии стратегии рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда вазифаҳои зерин муайян карда шудаанд:

- кушода додани мундариҷаи назария ва консепсияҳои рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа;
- асоснок кардани моҳияти инкишофи инвеститсионии иқтисодиёт ва омилҳое, ки роҳи рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақаро муайян мекунанд;
- муайян кардан ва таҳлил намудани моҳияти нақшаи стратегии рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа ва ҷузъҳои таркибии он;
- таҳия кардани муносибати методӣ ба коркарди нақшаи стратегии рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа;
- асоснок ва муайян кардани методикаи арзёбии ҷанбаи минтақавии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт;
- гузаронидани арзёбии рушди инвеститсионии соҳаҳои саноати иқтисодиёти минтақа;

- асоснок кардани самтҳои калидӣ ва андешидани тадбирҳо оид ба ташаккули нақшаи стратегии рушди инвеститсионии минтақа.

**Объекти таҳқиқот** рушди инвеститсионии иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Предмети таҳқиқот** раванди банақшагирии стратегии рушди инвеститсионии иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Таҳияи нақшаи стратегии илман асосёфтаи рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа имкон медиҳад, то бахшҳо ва соҳаҳои афзалиятнок аз ҷиҳати истифодаи самаранокии сармоягузории маҳдуд дар ин соҳаҳо барои амалӣ намудани афзалиятҳои рақобатӣ муайян карда шаванд. Ҷалби захираҳои маҳдуди сармоягузорӣ ба ин бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт бо таъсири мултипликаторӣ суръати баланди афзоиши МММ-ро таъмин менамояд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти амалӣ оид ба таҳияи нақшаи стратегии рушди минтақа, консепсия ва муқаррароти бунёдӣ, ки моҳият ва аҳамияти рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақаро инъикос менамояд, маводҳои конференсияҳои илмӣ ва илмию амалӣ ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар таҳқиқот диссертатсионӣ методҳои умумиилмӣ ва махсуси таҳқиқ, муносибати комплексӣ, арзёбии қиёсӣ, таҳлили портфелӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳангоми коркарди муқаррароти асосии диссертатсия таҳлили диалектикӣ ва оморӣ ва арзёбии экспертӣ (коршиносӣ) истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумотро м**аводҳо аз нашрияҳои илмӣ, маълумот аз маҷмӯаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи маълумотӣ-таҳлилӣ, захираҳои иттилоотии интернетӣ, коркардҳои худи муаллиф ташкил додаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Асарҳои бунёдии олимони хориҷӣ ва ватанӣ бахшида ба омӯзиши масъалаҳои банақшагирии стратегии рушди инвеститсионии иқтисодиёти вилоят, Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти сармоягузорӣ, аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», барномаи давлатии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», барномаҳои минтақавии рушди иҷтимоию иқтисодӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асосноккунии муқаррароти назариявӣ-методӣ ва коркарди маҷмӯи тадбирҳо, ки ба ташаккули консепсияи банақшагирии стратегии рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа дар қаринаи давраҳои ҳаётии соҳаҳо ва истеҳсолоти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд, зоҳир мегардад.

**Натиҷаҳои назаррасе, ки мундариҷаи навгонии илмиро инъикос менамоянд, аз инҳо иборат мебошанд:**

- муносибати консептуалӣ дар бобати таърифи рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа дар заминаи тараққиёти назарияи рушди иқтисодӣ

пешниҳод ва тасвиб шудааст. Фарқияти он аз таърифҳои мавҷуда дар он аст, ки рушди инвеститсионии иқтисодиёт чун дараҷаи баланди фаъолнокии инвеститсионӣ баррасӣ мешавад, ки бо ноил гардидан ба рушди динамикӣ ва устувори иқтисодиёти минтақа бо роҳи ба даст овардан ё инкишоф додани афзалиятҳои рақобатии баландмақом, бо роҳи таҷдиди техника ва технология, баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ, истифодаи масолеҳи дорои хосиятҳои нав алоқаманд аст;

- дар маводи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи индикаторҳо ва қиматҳои ҳудудии онҳо коркард ва тасвиб шудааст, ки намуди рушди иқтисоди минтақа – бештар инвеститсионӣ ё ғайриинвеститсиониро вобаста аз сатҳи фаъолнокии инвеститсионӣ муайян мекунад: ҳаҷми инвеститсияҳои холис, коэффисиенти навсозии фондҳои асосӣ, меъёри андӯхти сармояи асосӣ, коэффисиенти самаранокии инвеститсияҳо дар сармояи асосӣ, сатҳи навгонипазирии иқтисодиёт, саҳми пасандозҳои маҷмӯӣ дар ММД;

- асоснок карда шудааст, ки барои намудҳои мухталифи иқтисодиёт вобаста аз сатҳи тарзи технологии ба даст омада, сохтори соҳавии иқтисодиёт ва шароити ибтидоии инкишоф қиматҳои ҳудудии индикаторҳо ба таври назаррас фарқ мекунанд. Исбот шудааст, ки ба иқтисоди вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар намуди ғайриинвеститсионии рушд хос аст, зеро танҳо тибқи нишондиҳандаи инвеститсияҳои холис иқтисодиёти минтақа ба қиматҳои ҳудудии рушди инвеститсионӣ мувофиқат мекунад;

- алгоритми нақшагирии стратегии инкишофи инвеститсионии минтақа коркард шудааст, ки дар тафовут аз алгоритмҳои мавҷуда ба муқаррароти таҳлили портфелӣ асос меёбад, ки ба муайян кардани траекторияи рушди инвеститсионӣ вобаста аз давраи ҳаётии соҳа ва истеҳсолот имкон медиҳад. Исбот шудааст, ки истифодаи методҳои таҳлили портфелӣ ҳангоми коркарди стратегия метавонад траекторияи интенсивӣ-инвеститсионии рушдро таъмин кунад. Дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон саноати хӯрокворӣ, истеҳсолоти маснуоти резинӣ ва пластмассӣ, масолеҳи ғайриэнергетикӣ ва истеҳсолоти металлургӣ иқтидори баланди рушди инвеститсионӣ доранд.

- дар доираи нақшаи стратегии рушди инвеститсионии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи тадбирҳо пешниҳод гардидааст, ки ба баланд бардоштани самарабахшии инвеститсияҳо ва, чун натиҷа ба фаъолнокии инвеститсионӣ дар минтақа имконият медиҳад. Ин боиси афзоиши назарраси суръати рушди иқтисодии минтақа гашта ба гузаштан ба роҳи рушди инвеститсионӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

- рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа чун дараҷаи баланди фаъолнокии сармоягузорӣ муайян мешавад, ки ба ноил гардидан ба рушди динамикӣ ва устувори иқтисодиёти минтақа бо роҳи ба даст овардан ё инкишоф додани афзалиятҳои рақобатии баландмақом имкон медиҳад;

- қимати нишондиҳандаҳое, ки намуди рушди иқтисодиётро барои шароитҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунанд, аз қиматҳои ҳудудие, ки барои минтақаҳои дорои сатҳи пасти даромад ошкор

шудаанд, назаррас паст мебошад, ки рушди ғайриинвеститсионии онро исбот мекунад;

- истифодаи таҳлили портфелӣ чун олати самарабахши нақшагирии стратегии минтақа ба ҷудо кардани соҳаю истеҳсолоти аз ҳама ояндадор аз нуқтаи назари боздеҳ аз инвеститсияҳои гузошташуда ва муайян кардани траекторияи рушди инвеститсионӣ вобаста аз давраи сикли ҳаётӣ, ки соҳаҳою истеҳсолот дар онҳо қарор доранд, имконият медиҳад;

- алгоритми таҳияшудаи ташаккули стратегияи рушди инвеститсионӣ аз ҳафт марҳила иборат буда, дар фарқият аз алгоритмҳои мавҷуда ба муқаррароти таҳлили портфелӣ асос меёбад, ки ба муайян кардани траекторияи рушди инвеститсионӣ вобаста аз сикли ҳаётии соҳаҳо ва истеҳсолот имконият медиҳад;

- таҳияи нақшаи стратегии рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа дар асоси пешниҳоди маҷмӯи тадбирҳо ба баланд бардоштани самаранокии инвеститсияҳо мусоидат мекунад ва ба туфайли ин боздеҳи иқтисодии сармоягузориҳо аз натиҷаҳои мавҷуда дар минтақа бартарӣ дорад ва ба рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа созгорӣ менамояд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Муқаррароти илмие, ки дар рисола таҳия шудааст, бар он асос меёбад, ки муқаррарот ва тавсияҳои амалии диссертатсия метавонанд барои таҳияи стратегияи рушди минтақа истифода бурда шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот ба тавсеаи тасаввуроти мавҷудаи назариявӣ дар бораи таҳияи нақшаҳои стратегии рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақавӣ имконият фароҳам меоранд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** бо истифодаи методологияи пешниҳодшудаи таҳияи нақшаи стратегии рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа ва тавсияҳои амалӣ ҳангоми таҳияи нақшаҳои стратегии рушди худи минтақа ва соҳаҳои алоҳидаи он алоқаманд аст. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар таҳияи курсҳои таълимии «Менеҷменти стратегӣ» «Банақшагирии стратегии корхона», ва «Иқтисоди минтақавӣ» истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо он тасдиқ мегардад, ки муаллиф аз ҷанбаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти фундаменталии назариявии илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаи баррасишаванда пешниҳод ва асоснок карда шудаанд, истифода кардааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия мувофиқи Феҳристи ихтисосҳои илмӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ба анҷом расонида шуда, ба шиносномаи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ.** Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқи диссертатсионӣ дар муайян кардани мақсад, предмет ва объекти таҳқиқ, асоснок сохтани вазифаҳои таҳқиқ ва ҳалли онҳо, асоснок кардани заминаҳои назариявӣ ва методии кор зоҳир мегардад. Иштироки бевоситаи унвонҷӯро дар таҳқиқ интишори мақолаҳои илмӣ аз рӯи мавзуи кор, баромадҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмию назариявии байналмиллалӣ,

ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, ҳамчунин санҷиши амалии натиҷаҳои диссертатсия исбот мекунанд.

**Интишорот ва натиҷаҳои таҳқиқот.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ дар конференсияҳои илмию амалии байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ, ҳамчунин дар семинарҳои илмии байнидонишгоҳии зерин муҳокима ва ироа гардидаанд: дар Форуми нуҳуми байналхалқии "Русия дар қарни XXI: даъватҳои глобалӣ ва дурнамои рушд" (Москва, 2020) – бо сертификати намунаи байналмиллалӣ қадр шудааст; дар Форуми иқтисодии ҷавонони Авруосиё дар Донишгоҳи давлатии иқтисодии Урал "Авруосиёи инноватсионӣ" (Екатеринбург, 2015) – ҷоизадори форум; дар Конференсияи дувуми байналмиллалии илмию амалии донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ "Дурнамо ва омилҳои таъмини рушди устувори иқтисодиёт" (Хуҷанд, 2015); дар конференсияҳои илмию амалии апрелии ДПДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ (солҳои 2016, 2017, 2018, 2022).

Натиҷаҳо ва нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз тарафи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, шуъбаи идоракунии минтақавии рушди иқтисод ва савдо (маълумотномаи №44 от 22.04.2022), ва Днишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (маълумотномаи №1749 от 31.12.2022) барои истифода қабул шудааст.

**Интишорот аз руи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар 11 мақола, ки аз онҳо чор мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Феҳристи нашрияҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст, ироа гардидаанд. Хаҷми умумии нашриёт оид ба мавзуи таҳқиқот 5,4 саҳифаи чопӣ.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, ки ҳашт фасл дорад, хулоса, рӯйхати адабиётва хулосаҳо иборат аст. Кори диссертатсионӣ аз 180 саҳифа матни асосӣ, 31 ҷадвал, 16 расм ва 9 формула иборат мебошад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқ асоснок карда шудааст, дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ мавриди таҳлил қарор гирифтааст, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ тасвия шудааст, объект ва предмети таҳқиқ муайян шудааст, пойгоҳи назариявӣ, методологӣ ва иттилоотии таҳқиқ пешниҳод гардидаанд. Навгонии илмӣ, натиҷаҳои асосии илмӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқот зикр шудаанд.

Дар **боби аввал – "Асосҳои назариявии нақшагирии стратегии рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа"** – моҳият ва мундариҷаи мафҳумҳои "рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа", "банақшагирии стратегии минтақа", "стратегияи рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа" баррасӣ шудаанд. Инчунин роҳҳои методологии тартиб додани нақшаи стратегии рушди иқтисодиёти минтақа омухта шудааст.

Таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва методологии марбут ба моҳият ва мазмуни рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа нишон дод, ки байни рушди инвеститсионӣ ва ғайриинвеститсионии иқтисодиёти минтақа фарқияти аниқ вуҷуд надорад.

Фарқият асосан бо мавҷудият ё вуҷуд надоштани сармоягузорӣ дар иқтисоди минтақа муайян карда мешавад. Дар ҳолати дуюм, яъне бидуни сармоягузорӣ, афзоиш аз ҳисоби истифодаи иқтидорҳои истифоданашуда ба миён меояд, ки сармоягузориҳои нави назаррасро талаб намекунад. Ин вазъият барои иқтисодиёти кишварҳои пасошӯравӣ дар аввали солҳои 90-ум хос буд. Ба ақидаи академик Раҳимов Р.К. дар минтақаҳое, ки амалан сармоягузории ҷиддӣ ба навсозии дастгоҳи истеҳсолии хоҷагии халқ ба назар намерасад ва ҳиссаи сармоягузорӣ ба маҷмуи маҳсулоти минтақа ночиз аст, афзалияти рушди ғайриинвеститсионӣ мушоҳида мешавад, яъне инвеститсияҳо ба сармояи асосӣ нисбат ба маблағи пардохти истеҳлокӣ хеле кам аст. Дар ин минтақаҳо афзоиши ҳаҷми истеҳсолот аз ҳисоби зиёд шудани иқтидорҳои мавҷуда ба амал меояд, вале самаранокии иқтисодӣ баланд намешавад, зеро вазни қиёсии корхонаҳои зараровар баланд ва талафот дар иқтисодиёт низ баланд мебошад[7]. Ин масъала махсусан барои кишварҳое, ки даромад ба ҳар сари аҳолиашон паст аст, имкониятҳои маҳдуди сармоягузории дохилиро доранд ва инчунин хоси афзалиятҳои рақобатии нокифоя барои ҷалби сармояи хориҷиро доранд, муҳим аст.

Муқаррароти мавҷударо оид ба ин масъала ҷамъбаст намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки рушди ғайриинвеститсионии иқтисодиёти минтақа ин тағйирот дар асоси афзоиши истифодаи иқтидорҳои камистифодашуда ҳангоми ҳаҷми ночизи сармоягузориҳо ба иқтисодиёти минтақа мебошад, ки сармоягузории соф ба фондҳои асосӣ аз маблағи истеҳлок хеле каманд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки рушди инвеститсионӣ мафҳуми мустақил мебошад ва ин роҳи тараққӣ дар иқтисодиёти мураттаби бозорӣ тамоюли муътадил ба ҳисоб меравад. Он танҳо дар муҳлатҳои на он қадар тӯлонӣ дар давраҳои пастравиҳои сиклӣ халалдор мегардад. Гузариш аз ин ҳолат ба рушд дар иқтисодҳои мутараққӣ мушкилии махсус ба миён намеорад. Вале дар иқтисодҳое, ки чунин ҷараён дар муддати тӯлонӣ давом мекунад ва барои гузариш ба марҳилаи азнавбарқарорсозии иқтисодиёт роҳи вазнин ва дурударозро сипарӣ кардан лозим аст, ошкор сохтани хусусиятҳои намуди инвеститсионии рушд мубрамияти махсус касб мекунад.

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ рушди инвеститсионӣ ҳамчун тағйирот дар фазои мусоиди сармоягузорӣ ва иқтидори сармоягузории минтақа фаҳмида мешавад, ки имкониятҳои ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилиро, бо дарназардошти даромаднокии онҳо дар соҳаҳо ва ҳудуди давлат ба назар мегирад (Мазур О.В., Пискарев Д.В.). Илова бар ин, ба натиҷа ва оқибатҳои ҷалби инвеститсияҳо ба иқтисодиёти минтақа (Зекиряева Е.А., Шевченко К.И.,

[7] Квашнина Н.А. Видовая классификация экономического роста с учетом инвестиционной активности: мезоэкономический аспект. Ивановский государственный архитектурно-строительный университет. [Электронный ресурс]. URL: https://elionprofil.ru/nauchnyj-obozrevatel/ekonomika-v-otrasli] (санаи муроҷиат: 15.11.2020)

Хокшанова Е.П.) таваҷҷуҳ дода мешавад, ки моҳият ва мӯҳтавои хусусиятҳои роҳи рушди инвеститсиониро пурра ошкор намекунад.

Самти асосии таъмини рушди устувори иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он фаъолнокии инвеститсионӣ мебошад, ки шиддатнокии сармоягузориро ба иқтисодиёти минтақа дар бар гирифта, ҳаҷм ва суръати ҷалби инвеститсияҳоро ба сармояи асосӣ тавсиф мекунад.

Дараҷаи баланди фаъолнокии инвеститсионии кишварҳои муваффақ нишон медиҳад, ки рушди инвеститсионии иқтисодиёт ба ҳалли чунин вазифаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ, аз қабили ноил шудан ба афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, зиёд намудани қисми даромади буҷетҳо дар ҳама сатҳҳо, ва ба беҳтар намудани вазъияти молиявии корхонахои минтақа мусоидат мекунад.

Ба андешаи мо, таърифи мафҳуми «рушди инвеститсионии иктисодиёти минтақа» чун дараҷаи баланди фаъолнокии инвеститсионӣ шарҳ дода мешавад, ки ноил гардиданро ба рушди динамикию устувори иқтисодиёти минтақа бо роҳи ба даст овардан ё инкишоф додани афзалиятҳои рақобатнокии баландмақом имконпазир менамояд. Афзалиятҳои рақобатнокии баландмақом бо сармоягузорӣ ба коркарди технологияҳо вобаста аст, ки ба амиқрафти дараҷаи коркарди ашёи хому масолеҳ, баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ ва истифодаи маводи дорои хусусиятҳои нав имконият медиҳад ва ба туфайли он рушди иқтисодӣ бо суръати баландтарин афзоиш меебад ва хусусияти устувор дорад.

Дар асоси ин, дар кор нишондиҳандаҳое интихоб карда шудаанд, ки дараҷаи шиддатнокии истифодаи инвеститсияҳоро ба иқтисодиёти минтақа муайян мекунанд. Ба ин қатор, ба ақидаи мо, коэффисиенти навсозии фондҳои асосӣ, меъёри андӯхти сармояи асосӣ, коэффисиенти самаранокии маблағгузории сармояи асосӣ, сатҳи навгонипазирии иқтисодиёт мансубанд. Ду нишондиҳандаи дигар – ҳаҷми инвеститсияҳои холис ва ҳиссаи пасандоз дар ММM ҳаҷми мутлақи захираҳо ва манбаъҳои дохилии маблағгузории онҳоро инъикос мекунанд.

Таҳлили сарчашмаҳо нишон медиҳад, ки қимати ҳудудии нишондиҳандаҳои мазкур дар минтақаҳои дорои сатҳи баланди даромад ва барои минтақаҳои сатҳи даромадашон паст назаррас фарқ мекунад (ҷадвали 1). Масалан, қимати нишондиҳандаи якум коэффисиенти навсозии фондҳои асосӣ бо усули маълум, яъне тавассути тақсим кардани арзиши фондҳои асосии нав бо нархҳои муқоисавӣ, ба арзиши фондҳои асосӣ дар охири сол, бо нархҳои муқоисавӣ муайян карда мешавад. Қимати ин нишондиҳанда барои минтақаҳое, ки дар он даромади паст мушоҳида мешавад бояд ба 10% расад. Зеро барои минтақаҳои сатҳи даромадашон баланд ва ба рушди инвеститсионӣ ноилшуда ин нишондиҳанда 10 фоизро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 1. - Қиматҳои ҳудудии нишондиҳандаҳои рушди инвеститсионӣ (РИ) ва ғайриинвеститсионии (ҒИ) иқтисодиёти минтақа**

| Нишондиҳандаҳо | Минтақаҳои дорои даромади баланд, РИ | Минтақаҳои дорои сатҳи даромади паст | |
|---|---|---|---|
| | | Айни ҳол, ҒИ | Дурнамо, РИ |
| 1. Коэффитсиенти навсозии фондҳои асосӣ, Кнфа, % | 5 – 10 | 3,7 – 5,6 | аз 10 зиёд |
| 2. Меъёри андухти сармояи асосӣ, Мса, % | 16 – 22 | 22 – 40 | 22 – 40 |
| 3. Коэффитсиенти самаранокии инвеститсияҳо дар сармояи умумии минтақа, Кси, баробар | 5 – 8 | 1 | аз 3 зиёд |
| 4. Сатҳи навгонипазирии иқтисодиёт, хол | 55 – 60 | 20 – 30 | аз 40 зиёд |
| 5. Ҳаҷми инвеститсияҳои соф (Inet), воҳиди пул, | I net > 0 | I net ≥ 0 | Inet > 0 |
| 6. Ҳиссаи пасандозҳои умумӣ дар МММ, % | 30 – 33 | 11 – 17 | аз 20 зиёд |

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф дар асоси адабиёти илмию методӣ тартиб дода шудааст.

Ҳисобкарди меъёри андӯхти сармояи асосӣ дар заминаи тақсими ҳаҷми инвеститсияи гузошта ба сармояи асосӣ дар маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ба амал бароварда мешавад[8]:

$$\textbf{Мса} = \textbf{Иса} / \textbf{МММ}*100\%, \quad (3)$$

дар ин ҷо **Мса** – меъёри андӯхти сармояи асосӣ, %; **Иса** – ҳаҷми инвеститсияи гузошта ба сармояи асосӣ, воҳиди пул; **МММ** – ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, воҳиди пул.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки қимати меъёри андӯхти сармояи асосӣ барои таъмини рушди инвеститсионӣ бояд ба сатҳи 22-40% расад. Зеро баробари афзудани суръати меъёри андухт, ҳиссаи сармоягузории фондҳои асосӣ меафзояд, ки ин динамикаи мусбати тараққиёти иқтисодиёти минтақаро тавсиф мекунад. Барои минтақаҳое, ки сатҳи даромади баланд доранд, меъёри андӯхти сармояи асосӣ назаррас паст аст. Чунин минтақаҳо дар рушди худ марҳилаеро аз сар гузаронидаанд, ки дар он марҳила сармоягузории саросар ба навсозии сармояи асосӣ сурат гирифта буд ва имрӯз дар ин минтақаҳо барои рушди иқтисодиёт ҳиссаи назарраси инвеститсияҳо ба равандҳои инвеститсионӣ ба такмили техникаю технология, ҳамчунин баланд бардоштани тахассуси сармояи инсонӣ равона карда мешавад.

Коэффитсиенти самаранокии инвеститсияҳо дар сармояи асосӣ аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад[9]:

$$\textbf{Кси} = \Delta\textbf{U} / \Delta\textbf{МММ}, \quad (4)$$

[8]Маршова Т.Н., Эффективность инвестиционной деятельности: возможности межстрановых сопоставлений. / Т.Н. Маршова, В.И. Истомина // Экономические и социально-гуманитарные исследования. – 2014. – №1 (1). – С. 28-41.

[9]Ҳамон ҷо

дар ин ҷо **Кси** – коэффитсиенти самаранокии инвеститсияҳо дар сармояи умумии минтақа, баробар; **ΔU** – суръати афзоиши ҳаҷми инвеститсияҳое, ки ба иқтисодиёти минтақа гузошта шудааст, %; **ΔМММ** – суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, %.

Алҳол, ин нишондиҳанда барои минтақаҳои дорои сатҳи пасти даромад метавонад қимати тақрибан баробар ба як холро дошта бошад (ҷадвали 1). Чунин сатҳ рушди инвеститсионии иқтисодиётро таъмин карда наметавонад ва барои ҳалли вазифаҳои стратегии минтақаҳои дорои сатҳи пасти даромад сатҳи назаррасро ба даст овардан лозим аст, дар ҳоле, ки дар минтақаҳои дорои сатҳи баланди даромад қимати ин нишондиҳанда 8 банд аст.

Дараҷаи навгонипазирии иқтисодиёт таносуби хароҷот барои инноватсияро ба натиҷае, ки аз инноватсия ба даст омадааст нишон медиҳад ва аз руи техникаи ҳисоби Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ ҳисоб карда мешавад. Барои минтақаҳои сатҳи даромадашон паст ин нишондод ба 20-30 хол баробар аст, ки бояд ба 40 хол расонида шавад.

Ҳаҷми инвеститсияҳои соф ҳамчун фарқияти байни сармоягузориҳои умумӣ ва пардохтҳои амортизатсия ҳисоб карда мешавад. Барои минтақаҳое, ки сатҳи даромадашон паст аст, арзиши ин нишондод бояд мусбат бошад, зеро ин аз васеъ шудани раванди истеҳсолот дар иқтисодиёт шаҳодат медиҳад.

Ҳиссаи пасандозҳои умумӣ дар МММ имкониятҳои сармоягузории дохилиро дар минтақа нишон медиҳад ва бо роҳи тақсим кардани пасандозҳои умумӣ ба маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ муайян карда мешавад. Арзиши ниҳоии ин нишондиҳанда барои гузаштан ба роҳи рушди инвеститсионӣ дар сатҳи беш аз 20 фоиз, ба ҳисоби миёна байни нишондиҳандаҳои минтақаҳои сатҳи даромадашон баланд (30-33%) ва минтақаҳои камдаромад (11) муқаррар шудааст. -17%).

Натиҷаи таҳлили адабиёти илмию методӣ нишон дод, ки яке аз роҳҳои асосии ноил шудан ба рушди инвеститсионӣ ин таҳияи нақшаи стратегии рушди инвеститсионии минтақа дар умум мебошад, ки ҳамчун барномаи алоҳидаи асосии амалиётҳо баромад мекунад. Илова бар ин, як қатор корҳои зиёде мавҷуданд, ки ба фарқиятҳои байни нақшаи стратегии рушди минтақа ва стратегияи инвеститсионии минтақа бахшида шудаанд. Хусусияти фарққунандаи ин мафҳумҳо дар он аст, ки стратегияи инвеститсионӣ яке аз қисматҳои нақшаи стратегии рушди минтақа аст, на ин ки стратегияи мустақил.

Ба андешаи мо, стратегияи рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа, ин маҷмуи мустақили тадбирҳое мебошад, ки ба рушди иқтисодиёти минтақа бо роҳи равона кардани захираҳои маҳдуди инвеститсионӣ ба он бахшҳои иқтисодиёти минтақа, ки дар он ҷо, самаранокии бештари он ба назар мерасад, оварда мерасонад.

Бо назардошти ин хусусиятҳо, дар кор алгоритми таҳияи нақшаи стратегии рушди инвеститсионии минтақа пешниҳод шудааст, ки он аз ҳафт марҳила иборат аст ва аз мавҷуда бо он фарқ мекунад, ки ба муқаррароти таҳлили портфелӣ асос меёбад. Таҳлили мазкур ба муайян кардани траекторияи

рушди инвеститсионӣ вобаста аз сикли ҳаётии соҳа ва истеҳсолот имконият медиҳад (расми 1).




**Расми 1. Алгоритми таҳия ва татбиқи нақшаи стратегии рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа (муносибати муаллифӣ)**

Тавре, ки таҳлил нишон медиҳад, се марҳилаи аввали алгоритми таҳияи банақшагирии стратегии рушди инвеститсионӣ маълум аст. Аз марҳилаи чорум сар карда, таҳқиқоти мазкур натиҷаҳои таҳлили портфелиро истифода мебарад: воҳидҳои стратегии иқтисодиёти минтақа ҷудо карда шуда, бахшҳои афзалиятнок муайян карда мешаванд, ки дар асоси онҳо стратегияи рушди инвеститсионӣ ва нақшаҳои стратегии соҳаҳои афзалиятнок таҳия карда мешаванд.

Моҳияти усули таҳлили портфелӣ, ки аз ҷониби ширкати Boston Consulting Group (BCG USA) барои корхонаҳои алоҳида таҳия шудааст, баҳодиҳии муқоисавии истеҳсолоти онро аз рӯи меъёрҳои «ҳиссаи нисбии бозор» ва «суръати афзоиши он» мекунад, ки имконияти муайян кардани самаранокии истифодаи сармоягузориҳоро медиҳад[10].

Ҳиссаи нисбии бозор нишондиҳандаи берунии самаранокии истифодаи сармоягузорӣ буда, нисбат ба ҳаҷми фурӯши маҳсулоти корхонаҳои рақобаткунанда, ки дар бозорҳои мавриди баррасӣ қарордошта маҳсулоти шабеҳ истеҳсол мекунанд, ҳисоб карда мешавад, суръати афзоиш динамикаи тараққиёти корхонаро тавсиф мекунад ва нишондиҳандаи дохилӣ мебошад.

Матритсаи аз ҷониби ширкати Boston Consulting Group (BCG USA) таҳияшуда ба чор квадрант тақсим мешавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки маҳсулоти дар чоряки дуюм ва сеюми матритса воқеъгашта барои рушди инвеститсионӣ иқтидори баландтаринро доранд. Онҳо дар муқоиса бо корхонаҳое, ки маҳсулоти шабеҳ истеҳсол мекунанд, суръати баланди афзоиш ва ҳиссаи нисбатан калони бозорро ишғол мекунанд, зеро онҳо сарфаи миқёсро истифода мебаранд. Ин ба арзон шудани арзиши аслии маҳсулот ва зиёд шудани даромаднокии он ёрӣ мерасонад. Дар

[10] Локминов А.Н. Стратегический менеджмент: Учеб. пособие для вузов. – М.: ЮНИТИ - ДАНА, 2000. – 203с.

баробари ин, ин маҳсулот барои афзоиши минбаъда захираҳои калони иловагии сармоягузориро талаб мекунад. Хусусияти маҳсулоти квадранти 3 бошад, сатҳи баланди фаъолияти инвеститсиониро доранд ва метавонанд ҳамчун манбаи маблағгузорӣ баромад кунанд.

Дар шароити муайян, таҳлили портфелиро дар сатҳи минтақавӣ барои таҳияи стратегияи рушди соҳаҳои алоҳида истифода бурдан мумкин аст. Чунон ки, масалан, олимон Т.П. Данко, Я.И. Кудряшев, Л. Серга, М.И. Никифорова, Е. Румыния, М. Хванг дар корҳои худ татбиқи таҳлили портфелиро дар сатҳи минтақавӣ ба таври муфассал ифшо кардаанд. Мо инро барои муайян кардани соҳаҳо ва истеҳсолоти афзалиятноки минтақа барои сармоягузории оянда истифода мебарем.

Истифодаи таҳлили портфелӣ дар сатҳи минтақавӣ ба шартҳои зерин вобаста аст:

- ҳангоми дарёфти ҳиссаи нисбии бозор муқоиса дар сатҳи соҳаҳо ва зербахшҳо сурат мегирад;
- рақибони асосӣ соҳаҳои шабеҳи саноати минтақаҳои ҳамсоя мебошанд, ки барои ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ бо ҳам рақобат мекунанд;
- таҳлили портфелӣ дар сатҳи минтақавӣ дар динамика баррасӣ мешавад.

Ин аз он сабаб аст, ки сармоягузорони ватанӣ дар ҳолати маҳдуд будани захираҳои сармоягузорӣ пеш аз равона кардани маблағашон ба ягон соҳа, аввал вазъи иқтисодии минтақаи худро меомӯзанд, баъдан вазъи соҳаҳои нисбатан ҷолиби иқтисодиётро муқоиса мекунанд ва захираҳои молиявии худро ба соҳаҳои ҷолибтарин сармоягузорӣ мекунанд. Баъдан, иқтисодиёт ва чаҳорчӯбаи қонуни кишварҳои ҳамсояро баррасӣ менамоянд. Ин занҷир то пайдо кардани соҳаҳои даромаднокиашон баланд ва хатарнокиашон камтарин аз ҷиҳати баргардонида тавонистани маблағи инвеститсиякардашуда идома меебад.

Барои сармоягузорони хориҷӣ вазъият хеле фарқ мекунад. Онҳо пеш аз сармоягузорӣ кардани маблағҳои худ, аввал ба сиёсати мавҷудаи инвеститсионии кишвар, сатҳи рушди инфрасохтор, дараҷаи хавф ва устувории фаъолияти низоми ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ медиҳанд. Зеро барои сармоягузорони хориҷӣ кишваре, ки ба он сармоягузорӣ карда мешавад, муҳимтар аст, баъдан минтақаҳои он.

**Боби дувуми таҳқиқоти диссертатсионӣ – “Вазъияти муосири рушди инвеститсионӣ ва банақшагирии стратегии иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон”** – ба таҳлили вазъи муосири иқтисодиёти минтақа, ҳаҷми инвеститсияҳои ватанӣ ва ҷалбшуда, инчунин арзёбии заминаҳои рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа бахшида шудааст. Ба мақсади ошкор сохтан ва асоснок кардани соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти минтақа дар қаринаи инкишофи инвеститсионӣ таҳлили портфелии зерсоҳаҳои саноати вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифтааст.

Вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаи пешрафтаи саноатӣ ва яке аз пешбарҳои иқтисодиёти кишвар мебошад. Вилоят дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ натиҷаҳои калони мусбат ба даст овардааст, вале чӣ тавре ки амалия нишон медиҳад, дараҷаи ҳозираи тараққиёти иктисодиёт ба қадри кофӣ нест.

**Ҷадвали 2. – Нишондиҳандаҳои макроиқтисодии тараққиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2021**

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **ММM воқеӣ (млн.сомонӣ)*** | 13708,8 | 14682,2 | 15695,3 | 16841,1 | 17598,9 | 19200,4 |
| **ММM воқеӣ (млн. доллар)** | 1741,9 | 1664,6 | 1669,7 | 1739,7 | 1557,4 | 1699,2 |
| **ММM ба ҳар сари аҳолӣ ($/нафар.)** | 680,2 | 638,1 | 628,1 | 642,6 | 559,6 | 601,7 |
| **Содирот (млн. доллар)** | 391,5 | 394,8 | 425,2 | 343.3 | 353,8 | 633,1 |
| **Воридот (млн. доллар)** | 1249,7 | 1207,8 | 1106,1 | 1146.9 | 1313,8 | 1629,6 |
| **Суръати афзоиш (%)** | | | | | | |
| **ММM воқеӣ (млн. сомони)** | - | 107,1 | 106,9 | 107.6 | 104,6 | 109,1 |
| **ММM воқеӣ (млн. доллар)** | - | 95,6 | 100,3 | 104,2 | 89,5 | 109,1 |
| **ММM ба ҳар сари аҳолӣ** | - | 94,0 | 98,4 | 102,3 | 87,1 | 107,5 |
| **Содирот** | - | 100,8 | 107,7 | 110,8 | 103,1 | 178,9 |
| **Воридот** | - | 96,7 | 91,6 | 103,7 | 114,6 | 124,0 |

*- дар асоси нархҳои соли 2016.

**Сарчашма:** Омори солонаи вилояти Суғд -2022. Нашриети Сарраёсати Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистондар вилояти Суғд, 2022. – С.8-18

Таҳлили нишондодҳои асосии макроиқтисодии минтақа нишон медиҳад, ки дар умум маҷмӯи маҳсулоти минтақавии вилояти Суғд ба афзоиш майл дорад. Ба ҳисоби миёна, суръати афзоиши ММM дар давраи солҳои 2016-2021 - 6 фоизро ташкил медихад, вале иқтидори баланди вилоят имконият медихад, ки суръати баланди тараққиёти иқтисодиёт ба даст оварда шавад. Соли 2016 ММM вилояти Суғд - 13 708,8 млн. сомониро ташкил дода, дар соли 2021 ин нишондод ба 19 200,4 млн.сомони расид. Қобили зикр аст, ки ММM воқеии бо доллар ифодаёфта дар соли 2020 якбора коҳиш ёфта, 1557,4 млн. долларро ташкил дод, яъне дар ин сол қобилияти харидории пули миллӣ паст шудааст.

Аз сабаби баста шудани марзҳо воридоти минтақа низ якбора коҳиш ёфтааст. Соли 2021 бошад афзоиш воридот мушоҳида мешавад. Содироти вилоят дар соли 2021 хеле афзоиш ёфта, 633,1 миллион долларро ташкил медиҳад. Ба ин афзоиш зиёд шудани содироти нахи пахта, маъдан ва консентрат мусоидат кардааст. Сарфи назар аз афзоиши назарраси содирот, ин ҳаҷм кофӣ нест, зеро молҳо асосан аз ҷумҳурӣ дар шакли ашёи хом содирот карда мешаванд ва қариб 1/3 ҳаҷми воридоти минтақаро ташкил медиҳанд.

Дар маҷмӯъ, тибқи ҷадвали 2 метавон хулоса кард, ки вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба минтақаҳои сатҳи даромади пастдошта тааллуқ дорад, ки ба ин сатҳи пасти ММM ба ҳар сари аҳолӣ шаҳодат медиҳад, масалан, солҳои охир ба ҳисоби миёна 621 долларро ташкил мекунад (ҷадвали 2).

Гузариш ба минтақаҳои дорои даромади баланд талаб менамояд, ки суръати афзоиши ММM нисбат ба суръати афзоиши аҳолии минтақа зиёд карда шавад. Барои ин дар вилоят истеҳсоли маҳсулотро хеле зиёд кардан лозим аст. Аммо тараққиёти истеҳсолот ҳангоми истифодаи бемақсади захираҳои махдуди инвеститсионӣ ба амал намеояд. Аз ин рӯ, қадами навбатии таҳлил муайян

кардани соҳаҳое мебошад, ки захираҳои сармоягузорӣ ба он бештар равона карда шудаанд.

Вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари гардиши савдои хориҷии молу хизматрасонӣ бо як қатор кишварҳо дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ низ ҳамкориҳои наздик дорад.

Дар раванди таҳқиқот таҳлили сохтори сармоягузориҳои давлатӣ дар вилояти Суғд барои соли 2021 гузаронида шудааст. Таҳлил нишон дод, ки ҳиссаи асосии онҳо ба таҷдиди неругоҳи барқи обии Қайроққум – 33%, азнавсозӣ ва идомаи сохтмони мактабҳои миёна — 17 %, ҷорӣ намудани таъминоти яклухти кувваи барқ ва такмил додани системаи барқгузаронӣ — 13%. Арзиши умумии лоиҳаҳои анҷомёфта дар соли 2021 - 214 582,3 ҳазор долларро ташкил дода аз оғози татбиқи лоиҳаҳои мавҷуда 202 950 ҳазор доллар азхуд карда шудааст. Ин маълумотҳо самти иҷтимоии маблағгузории давлатиро нишон медиҳанд.

Дар сохтори соҳавии воридоти сармояи хориҷӣ дар давраи солҳои 2013-2021 саноат ҷои аввалро ишғол мекунад. Ҳиссаи асосии сармоягузориҳои хориҷӣ дар давраи баррасӣ хусусияти ашёи хом дошта, ба истихроҷи металлҳои қиматбаҳо ва маъданҳои металлҳои нодир равона шудааст, ки 26 %-ро ташкил медиҳад. Ҷои дуюмро истихроҷ ва бой кардани маъдани сурбу руҳ дар ҳаҷми - 20 % ишғол мекунад. Ҷои сеюмро сармоягузорӣ ба корҳои иктишофӣ ва геологӣ ишғол мекунад, ки 13% аз ҳаҷми умумии сармоягузории хориҷиро ташкил медиҳад. Минбаъд сармоягузорӣ ба истеҳсоли орд - 7% меояд. Натиҷаҳои таҳлил нишон дод, ки сармоягузорони хориҷӣ асосан бо нархи пасти маҳсулоти истихроҷи маъдан, ки хусусияти ашёи хом доранд, ҷалб мешаванд.

Вазъи кунунии рушди инвеститсионӣ дар асоси фаъолияти сармоягузории иқтисодиёти минтақа арзёбӣ карда шудааст, баҳодиҳии иқтисодиёти вилояти Суғд аз нуктаи назари муайян кардани навъи рушди ҷорӣ (инвеститсионӣ ё ғайриинвеститсионӣ) ба муайян намудани 6 нишондиҳанда асос ёфтааст, ки рушди инвеститсионии иқтисодиётро тавсиф мекунад (ҷадвали 3).

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон якум нишондиҳанда, яъне инвеститсияҳои холис ба қиматҳои ҳудудии дар ҷадвали 1 оварда мувофиқат дорад, зеро қимати он аз 0 зиёд аст. Бузургии мусбати инвеститсияҳои холис дар бораи хусусияти васеи раванди истеҳсолӣ дар иқтисодиёт шаҳодат медиҳад. Вале мувофиқати як нишондиҳанда ба қиматҳои ҳудудӣ кофӣ нест, ки дар минтақа рушди инвеститсионӣ ба амал ояд. Барои ин коэффисиенти самаранокии инвеститсияҳоро дар сармояи асосӣ баррасӣ кардан зарур аст. Қимати ин нишондиҳанда барои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2021 ба ҳисоби миёна 0,11 бандро ташкил мекунад, ки он аз қимати ҳатто минтақаҳои дорои сатҳи пасти даромад қариб даҳ баробар паст аст. Барои гузаштан ба роҳи инвеститсионии рушд ақаллан ба сатҳи 3 банд расидан лозим аст. Ин чунин маъно дорад, ки инвеститсияҳои ба иқтисодиёти минтақа равонашаванда таҳти таъсири мултипликатори хароҷоти автономӣ бояд ба афзоиши зиёди ММО оварда расонад.

**Ҷадвали 3. – Хусусияти нишондиҳандаҳои ниҳоии рушди инвеститсионӣ барои минтақаҳои сатҳи даромадашон паст ва вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | Минтақаҳои дорои сатҳи даромади паст | | |
|---|---|---|---|
| | Рушди ғайриинвеститсионӣ | Вилояти Суғд | Рушди инвеститсионӣ |
| **1. Коэффитсиенти навсозии фондҳои асосӣ, Кнфа,** | 3,7 – 5,6 | 6,1 | Более 10 |
| **2. Меъёри андухти сармояи асосӣ, Мса, %** | 22 – 40 | 8,6 | 22 – 40 |
| **3. Коэффитсиенти самаранокии инвеститсияҳо дар сармояи умумии минтақа, Кси, баробар** | 1 | 0,11 | Более 3 |
| **4. Сатҳи навгонипазирии иқтисодиёт, банд** | 20 – 30 | 18 | Более 40 |
| **5. Ҳаҷми инвеститсияҳои соф (Inet), воҳиди пул,** | I net ≥ 0 | 757,1 > 0 (−590)* | Inet > 0 |
| **6. Ҳиссаи пасандозҳои умумӣ дар МММ, %** | 11 – 17 | 3 | Более 20 |

*за 2019год

**Ҳисоби муаллиф аз манбаҳо:** дар асоси маводҳои шуъбаи молия ва Омори солонаи вилояти Суғд -2022. Нашриети Сарраёсати Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистондар вилояти Суғд, 2022. – С.42-49.

Нишондиҳандаи муҳимми дигар ҳиссаи пасандозҳои маҷмӯӣ дар МММ ба ҳисоби фоиз мебошад, ки дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ се фоизро ташкил мекунад, яъне нисбат ба қиматҳои ҳудудии овардашуда даҳ баробар камтар аст. Сатҳи пасти нишондиҳандаи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки дар минтақа ҳиссаи назарраси маҷмӯи даромади дар ихтиёр буда ба истеъмол масраф мегардад ва танҳо ҳиссаи ночизи он пасандоз мешавад. Мутаносибан, имкониятҳои сармоягузории дохилӣ сахт коҳиш меёбад.

Меъёри андӯхти сармояи асосӣ ба фоиз, ки дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон 10,2%-ро ташкил мекунад, нисбат ба қимати ҳудудии ин нишондиҳанда барои таъмини рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа пасттар аст. Барои нигоҳ доштани суръати баланди устувори рушд сатҳи меъёри андӯхт дар сармояи асосӣ бояд нисбат ба нишондиҳандаҳои мамлакатҳои мутараққӣ баландтар бошад. Чунин афзоиши фаъолнокии инвеститсионӣ дар мамлакат бо назардошти лаги (таъхири) муваққатӣ ба рушди иқтисодии устувори минтақа мусоидат мекунад.

Алҳол коэффисиенти навсозии фондҳои асосӣ 6,1%-ро ташкил мекунад, яъне аз қимате, ки ба рушди инвеститсионии иқтисодиёт хос аст, пасттар мебошад. Ин нишондиҳанда шаҳодат медиҳад, ки дар минтақа қисми асосии фондҳои асосӣ куҳна шудааст ва раванди навсозии онҳо бояд бо суръати нисбат ба иқтисодҳои мутараққӣ тезтар афзоиш ёбад.

Ҳамин тариқ, метавон ба хулоса расид, ки ба вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди ғайриинвеститсионии иқтисодиёт хос аст, зеро аз шаш

нишондиҳандае, ки рушди инвеститсиониро тавсиф мекунанд, танҳо нишондиҳандаи якум "Inet" ба қиматҳои ҳудудӣ мувофиқат дорад. Барои гузаштан ба намуди инвеститсионии рушди иқтисодиёт ба минтақа зарур аст, ки ҳаҷми назарраси сармоягузориҳоро, ки хусусияти ашёи хом доранд ба таҷдид ва навсозии истеҳсолот равона созад. Зеро ин боиси афзоиши истеҳсоли молҳои ниҳоӣ ва мутаносибан ба рушди шакли инвеститсионӣ оварда мерасонад.

Аммо дар шароити кунунии иқтисодиёти минтақа захираҳои сармоягузорӣ маҳдуд буда, истифодаи онҳо танҳо дар бахшҳои самарабахш метавонад соҳаҳои афзалиятнокеро муайян намояд, ки дар он инвеститсияҳо самараноктар истифода мешаванд. Истифодаи максадноки захираҳои инвеститсионӣ метавонад гузариш ба намуди инвеститсионии рушди иктисодиётро таъмин намояд.

Тибқи постулатҳои таҳлили портфелӣ, таҳлили кор нишон дод, ки дар байни соҳаҳои пешбари иқтисодиёти вилояти Суғд саноат дар чоряки мусоиди матриса қарор дорад (ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. - Ҳисоби нишондиҳандаҳои таҳлили портфелии соҳаи саноати вилояти Суғд (млн сомонӣ)**

| Соҳаҳо | Даромад аз фуруши маҳсулот дар минтақаҳои ҶТ | | | | | | 2020 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | вилояти Суғд | | вилояти Хатлон | ВМКБ | НТМ | ш. Душанбе | Нишондиҳандаҳои матритса | | |
| | **2020** | **2021** | **2021** | **2021** | **2021** | **2021** | **Тпр (%)** | **ҲНБ** | **Вазни хоси соҳаҳо %** |
| **Саноат** | 15573,2 | 21064,8 | 10333,0 | 315,5 | 3776,3 | 3339,4 | 35 | 2,0 | 100 |
| Истихроҷи масолеҳи ғайриэнергетикӣ | 2516,9 | 6120,7 | 376,8 | 196,4 | 48,6 | 1181,5 | 140 | 5,2 | 29 |
| Истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, аз ҷумла нушокиҳо ва тамоку | 4902,3 | 5239,8 | 1205,7 | 23,2 | 820,1 | 319,2 | 7 | 4,3 | 26,0 |
| Истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ | 996,7 | 1404,5 | 2431,3 | 7,4 | 107,4 | 145,4 | 41 | 0,6 | 6,7 |
| Истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ | 148,0 | 186,0 | 59,4 | 0,04 | 71,9 | 73,1 | 26 | 2,5 | 0,8 |
| Истеҳсоли металургӣ ва истеҳсоли маҳсулоти филизӣ | 4371,9 | 5204,8 | 73,4 | 0,8 | 108,4 | 579,6 | 19 | 9,0 | 25,5 |
| Истеҳсол ва тақсимоти электроэнергия, газ ва об | 1125,3 | 1272,7 | 4496,1 | 81,8 | 1244,9 | 1011,5 | 13 | 0,3 | 6,0 |
| Дигар соҳаҳои саноат | 1512,1 | 1636,3 | 1690,3 | 5,8 | 1375 | 29,1 | 8 | 0,9 | 7,8 |

**Ҳисоби муаллиф аз манбаҳо:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022с. / Нашриети Сарраёсати Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. – С.42-49.

Соҳаҳои боқимондаи саноат (алоқа, нақлиёт, сохтмон, кишоварзӣ, савдо ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ) дар чорякҳои нисбатан камтар ҷолиби матритса қарор доранд, зеро ё суръати афзоиши манфиро доранд ё ҳиссаи нисбии бозори ин соҳаҳо аз як дида камтар аст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки минтақаи дигари кишвар, яъне шаҳри Душанбе дар соҳаи нақлиёт, хизматрасонӣ, сохтмон ва савдо пешсаф аст. Вобаста ба ин, таҳлили минбаъдаи портфелӣ барои соҳаи саноати вилояти Суғд гузаронида шудааст (ҷадвали 4).

Тавре аз натиҷаҳои таҳлили портфелӣ бармеояд, соҳаҳое, ки барои саноати вилояти Суғд иқтидори сармоягузории бештар доранд, саноати хӯрокворӣ, истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластикӣ, истеҳсоли маводи ғайриэнергетикӣ ва металлургия мебошанд. Азбаски ин соҳаҳо дар квадрантҳои ҷолиби матриса, яъне дар дуюм ва сеюм ҷойгиранд, маҳз дар ҳамин соҳаҳо афзоиши даромади бештар ва ҳиссаи нисбатан баланди бозор мушоҳида мешавад (расми 2).

Рақибони асосии ин соҳаҳо соҳаҳои шабеҳи минтақаҳои ҳамсоя мебошанд. Масалан, барои саноати хӯрокворӣи вилояти Суғд, чунонки аз ҷадвали 3 дида мешавад, рақиби асосӣ саноати хӯрокворӣи вилояти Хатлон, барои истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластикӣ дар вилоят рақиби асосӣ истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластикии шаҳри Душанбе ва ғайра. Чунин равиши методологӣ барои муайян кардани бахшҳои афзалиятнок аз ҷиҳати фаъолнокии сармоягузорӣ, дар дигар соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон низ татбиқ карда шудааст.

Азбаски саноати хӯрокворӣ чун пешсафи фаъолнокии инвеститсионӣ дар минтақа баромад мекунад ва ба туфайли ин дорои иқтидори калони рушди инвеститсионӣ мебошад, методҳои таҳлили портфелӣ барои ошкор сохтани зерсоҳаҳои аз ҳама ҷаззоби ин бахш истифода шудаанд. Ба чунин зерсоҳаҳо мансубанд: истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ, истеҳсоли нӯшокиҳои беспирт, истеҳсоли маҳсулоти ҳасибӣ, истеҳсоли маҳсули макаронӣ, истеҳсоли хушкмева.

Чи тавре, ки ҳисобу китоб нишон медиҳад, хатти сайри стратегии рушди чунин зерсоҳаҳои саноат, чун истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ, нӯшокиҳои беспирт, маҳсулоти ҳасибӣ, маҳсулоти макаронӣ, оби минералӣ ва хушкмева чун хатти сайри пешқадами нававар тавсиф мешаванд, зеро ҳамаи намудҳои истеҳсолот аз нуқтаи назари сармоягузорӣ ба такрористеҳсоли васеи онҳо дар квадрантҳои мусоиди матритса ҷойгиранд. Аз ин ҷо, ҳамаи ҷидду ҷаҳд бояд ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли ин маҳсулот мутамаркиз гардад, зеро онҳо дар соҳаҳои иқтисодиёт пешсаф буда, дорои сатҳи аз ҳама баланди фаъолнокии инвеститсияҳо мебошанд.




**Расми 2 – Матритсаи таҳлили портфелии соҳаи саноати вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2021**

**Дар боби севум – “Ташаккули нақшагирии стратегии рушди инвеститсионии вилояти Суғди ҶТ”** – маҷмуи тадбирҳои дорои хусусияти стратегӣ таҳия гардидаанд, ки ба рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақавӣ дар соҳаҳои афзалиятнок таҳия гардида, ҳамчунин баҳогузории амиқи самаранокии ҷорӣ намудани тадбирҳои андешидашудаи стратегияи рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақавӣ сурат гирифтааст.

Таҳияи Стратегияи рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа таҳлили вазъи кунунии татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегиро дар минтақа тақозо менамояд. Таҳлили барномаҳои мавҷудаи рушд нишон дод, ки ба раванди ҷалби сармоя таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода мешавад. Дар баробари ин, чунон ки таҷриба нишон медихад, тадбирҳои тартибдодашуда барои рушди пуравҷи инвеститсионии иқтисодиёт нокифоя мебошанд. Ин бо он шарҳ дода мешавад, ки дар айни замон, қисми асосии сармояҳои ҷалбшуда ба бахшҳои ашёи хоми иқтисодиёт равона шудаанд.

Ҳангоми таҳияи нақшаи стратегии рушди инвеститсионии вилояти Суғд дар кори диссертатсионӣ таҷрибаи минтақаҳои комёби Федератсияи Русия, аз ҷумла вилояти Ростов, вилояти Иваново, Челябинск ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар роҳи ба даст овардани суръати устувори рушди иқтисодӣ тавассути таъмини дараҷаи баланди самаранокии захираҳои инвеститсионии истифодашаванда корбаст гардид. Интихоби таҷрибаи кишварҳои зикршуда бо он асоснок карда мешавад, ки натиҷаҳои татбиқи нақшаҳои стратегии минтақаҳои мушаххас назаррас буда, соҳаҳои пешрафтаи иқтисодиёти ин минтақаҳо ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти вилояти Суғд шабоҳат доранд.

Дар раванди таҳияи нақшаи стратегии рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа тағйир додани самти маблағгузорӣ аз соҳаҳои истихроҷ ба маблағгузории соҳаҳо ва зерсоҳаҳои дорои бартариятҳои дараҷаи баланди рақобатнокӣ имкон медиҳад, ки маҳсулоти дар бозор талаботи зиёддоштаро бо хароҷотҳои нисбатан кам назар ба рақибон истеҳсол намоянд. Тавре ки таҳқиқот нишон дод, дар чунин соҳаҳо ва зерсоҳаҳо суръати баланди рушд мушоҳида мешавад ва дар квадранти “афзоиш”- и матрисаи таҳлили портфелӣ қарор доранд. Ба андешаи мо, мувофиқи нақшаҳои стратегии рушд равона кардани захираҳои мавҷудаи моддию молиявӣ ва меҳнатӣ маҳз ба ҳамин соҳаҳо имконияти рушди инвеститсиониро дар минтақа таъмин менамояд. Интихоби минтақаҳои мушаххас барои муқоиса, бо якхела будани параметрҳои иқтисодӣ ва сохтори истеҳсолӣ вобаста аст.

Дар ҷадвали 5 мушкилоте, ки ҳангоми пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ дар саноати хӯрокворӣи вилояти Суғд ба миён меояд, мухтасар оварда шудааст. Баъзе мушкилоти ҳамин соҳа, ба монанди «рафтани кадрҳои баландихтисос», «дараҷаи пасти фаъолияти инноватсионии иқтисодиёти минтақа ва зерсоҳаҳои он” маъмуланд, аз ин рӯ, бо бартараф кардани ин мушкилот дар сатҳи соҳа метавон равандҳои сармоягузориро дар сатҳи минтақавӣ такмил дод. Аммо тадбирҳои пешниҳодшударо то чӣ андоза ба вазъи иқтисод аз нуктаи назари сармоягузорӣ таъсир мерасонанд, дар асоси пешгӯиҳо муайян кардан мумкин аст.

Пешгӯии афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар натиҷаи маҷмӯи тадбирҳое, ки ба баланд бардоштани фаъолнокии инвеститсионӣ нигаронида шудаанд, ба муқаррароти назарияи кейнсгароён дар бораи амали мултипликатори инвеститсияҳо асос меёбад. Он таносуби байни афзоиши даромад, дар мавриди мо, дар сатҳи минтақа – маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ва афзоиши ҳаҷми инвеститсияҳоро, ки боиси ба миён омадани афзоиши даромад мегардад, нишон медиҳад.

Қимати мултипликатори инвеститсияҳо, ки барои солҳои 2015-2021 дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст, 1,1-ро ташкил намуд. Ба ибораи дигар, ҳар фоизи афзоиши инвеститсияҳо боиси 1,1% зиёд шудани МММ мегардад. Ин тағйирот барои гузариши иқтисодиёт ба роҳи инвеститсионии рушд нокифоя аст.

Ба сифати муқоиса дар кор нақшаҳои стратегии бомуваффақият амалишудаи рушди як қатор минтақаҳои Федератсияи Русия баррасӣ гардидааст. Масалан, мултипликатори инвеститсияҳо дар вилояти Ростов 5,7%, вилояти Иваново 3,4%-ро ташкил мекунад.

Ба воқеияти вилояти Суғд мутобиқ гардонидани тадбирҳои бомуваффақият амалишуда, ки ба баланд бардоштани самаранокии инвеститсияҳо дар минтақаҳои мавриди баррасӣ равоншуда имкон медиҳанд ва чун натиҷа ба баланд шудани фаъолнокии инвеститсионӣ оварда мерасонад ба хулоса омадем, ки суръати рушди иқтисодии минтақавӣ то 1,5 баробар зиёд шуда метавонад. Ин ба иқтисодиёти вилояти Суғд имконияти гузаштан ба роҳи рушди инвеститсиониро фароҳам меорад.

**Ҷадвали 5- Чораҳое, ки ба нақшаи стратегии рушди инвеститсионии саноати хуроквории вилояти Суғди ҶТ дохил карда шудаанд**

| Муаммоҳо | Стратегия | Чораҳо (амалҳо) | Муҳлат | Интизориҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. Хуруҷи захираҳои баландихтисоси меҳнатӣ | Тадбиқи стратегияи идоракунии захираҳои инсонӣ | • Омӯзиши мушкилоти муҳоҷирати аҳолӣ;<br>• Таъсиси ҷойҳои нави корӣ тавассути ҷалби ғояҳои нави бизнес ва корхонаҳо | 2021-2030 | Таъсис додани мувозинат дар бозори меҳнат (баланд бардоштани рақобатпазирии захираҳои меҳнатии минтақа) |
| 2. Шаффофияти иттилооти пешбурди тиҷорат | Ташкили ширкати рушди соҳибкорӣ | • Ҷалби кадрҳо ба ширкатҳо барои рушди тиҷорат;<br>• Гузариш ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботдиҳӣ. | 2021-2025 | Зиёдшавии ҳиссаи сармояи хориҷӣ |
| 3. Мушкилоти характери бюрократӣ дар раванди кушодани бизнеси нав | Таҳияи механизми кушодани корхонаи нав | • Таҳияи шаклҳои созишномаҳои сармоягузорӣ ва муқаррар намудани тартиби дақиқи бастани онҳо;<br>• Дастрасӣ ба санадҳои андоз ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони англисӣ | 2021-2025 | Соддакунии раванди кушодани бизнеси нав |
| 4. Маълумоти бармаҳал ва нопурра оид ба бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт барои сармоягузорон | Таҳияи механизми мушаххаси баҳодиҳии бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт | • Таҳияи механизми пешниҳоди оммавии лоиҳаҳо ба сармоягузорон;<br>• Таъсиси рейтинги фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар заминаи минтақавӣ | 2021-2025 | Ҷалби инвеститсияҳо ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти минтақа |
| 5. Нарасидани кадрҳои баландихтисос дар саноати хурокв止ӣ | Тартиб додани барномаи такмили ихтисоси захираҳои меҳнатӣ | • Ташаккули пешгӯии талаботи минтақавӣ ба касбҳо ва ихтисосҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, аз рӯи ихтисосҳо ва самтҳои тайёр кардани мутахассисони таҳсилоти олӣ аз рӯи намуди фаъолияти иқтисодӣ дар заминаи ҳудудию касбӣ; | 2021-2030 | Баланд бардоштани дараҷаи ихтисоси мутахассисон |
| 6. Сатҳи пасти фаъолияти инноватсионии иқтисодиёти минтақа ва зерсоҳаҳои он | Ташаккули марказҳои минтақавии рушди инноватсионӣ | • Таъсиси марказҳои инноватсионӣ ва технологӣ;<br>• Барпо намудани Фонди инкишофи шаклҳои хурди корхонадо дар соҳаи илмй-техникӣ. | 2021-2030 | Зиёд кардани хиссаи махсулоти аз ҷиҳати инноватсионӣ такмил додашуда |
| 7. Сатҳи пасти рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшуда | Стратегия дифференсиатсия | • Татбиқи модификатсияи молҳои истеҳсолшуда мувофиқи табъу завқи истеъмолкунандагон;<br>• Мунтазам инкишоф додан ва такмил додани системаи хизматрасонӣ ба моли фурӯхташуда ва дар маҷмӯъ системаи пешбурди фурӯш | 2021-2025 | Баланд бардоштани рабобатнокии маҳсулоти истеҳсолшуда |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси СМР-2030 коркард шудааст

## ХУЛОСА

Таҳқиқоти баанҷомрасонида имкон дод, ки хулосаю пешниҳодҳои зерин ироа карда шаванд:

1. Ташаккули таърифи илман асосноки рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақавӣ дар қаринаи инкишофи назарияи рушди иқтисодӣ, чун дараҷаи баланди фаъолнокии инвеститсионӣ имкон медиҳад бо роҳи ноил гардидан ё тараққӣ додани афзалиятҳои рақобатии баландмақом рушди устувор ва динамикии иқтисодиёти минтақа ба даст оварда шавад. Нишондиҳандаҳои асосии фаъолнокии инвеститсионии минтақа инҳоанд: ҳаҷми инвеститсияҳои холис, коэффитсиенти навсозии фондҳои асосӣ, меъёри андӯхти сармояи асосӣ, коэффитсиенти самаранокии инвеститсияҳо ба сармояи асосӣ, сатҳи навгонипазирии иқтисодиёт, ҳиссаи пасандозҳои маҷмӯӣ дар МММ [4-М].

Чи тавре ки таҷрибаи ҷаҳонии рушди бомуваффақияти инвеститсионии минтақаҳо нишон медиҳад, ноил гардидан ба рушди устувори минтақавӣ бо роҳи ба вуҷуд овардани муҳити мусоиди инвеститсионӣ имконпазир аст. Мақомоти давлатӣ ва минтақавии идоракунӣ ба ҳайси роҳбаладi баланд бардоштани ангезиши инвеститсионии гурӯҳи агентҳои иқтисодии ватанӣ ва хориҷӣ баромад мекунанд. Дар раванди ноил гардидан ба мақсадҳои ба миён гузошта таъсиси ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва давлатию шарикии хусусӣ дар намуди марказҳои инноватсионӣ-технологӣ ва фондҳо оид ба тараққии корхонаҳо дар соҳаи илму техника нақши муҳим мебозанд [2-М].

2. Таҳлили рушди инвеститсионии иқтисодиёти вилояти Суғд имкон медиҳад ки бузургии мусбати инвеститсияҳои холис дар бораи дар иқтисодиёт ҳузур доштани истеҳсолоти васеъ шаҳодат медиҳад. Сатҳи пасти коэффитсиенти навсозии фондҳои асосӣ ба меъёрҳои асоснок мувофиқат намекунад, зеро дар иқтисодиёти дорои сатҳи пасти даромад нишондиҳандаи мазкур нисбат ба иқтисодиёти дорои сатҳи баланди даромад бояд бо суръати тезтар афзоиш ёбад. Мисли ҳамин қимати чор нишондиҳандаи боқимонда – меъёри андӯхти сармояи асосӣ, коэффитсиенти самаранокии инвеститсияҳо дар сармояи асосӣ, сатҳи навгонипазирии иқтисодиёт ва ҳиссаи пасандозҳои маҷмӯӣ дар МММ имкон медиҳад ба хулоса оем, ки ба минтақа бештар рушди ғайриинвеститсионии иқтисодиёт хос аст [4-М].

3. Маҳдудияти ҳаҷми инвеститсияҳо ва зарурати баланд бардоштани дараҷаи самаранокии истифодаи онҳо зарурати ба соҳаҳои аз ҳама афзалиятноки иқтисодиёт равона кардани захираҳои инвеститсиониро машрут месозад. Ба сифати чунин соҳаю истеҳсолот, ба ақидаи мо, соҳаҳое зоҳир менамоянд, ки дар квадрантҳои мусоиди матрисаи таҳлили портфелӣ қарор доранд. Дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон саноати хӯрокворӣ, истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ, масолеҳи ғайриэнергетикӣ ва истеҳсолоти металлургӣ иқтидори баланди инкишофи инвеститсионӣ доранд. Вазъи мавҷудаи рушди соҳаҳо аз сатҳи миёна поён арзёбӣ мегардад. Квадранти стратегии тараққии зерсоҳаҳои зерини саноати хӯрокворӣ чун квадранти пешқадами нававар тавсиф мешаванд: истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ, маҳсулоти ҳасибӣ, нӯшокиҳои беспирт, маҳсулоти макаронӣ, оби минералӣ ва хушкмева [10-М].

4. Таҷриба нишон медиҳад, ки воридоти инвеститсияҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти вилояти Суғди ҶТ тренди мусбат дорад. Қайд кардан лозим аст, ки солҳои охир ҳаҷми инвеститсияҳо ба иқтисодиёти вилоят аз инвеститсияҳои дохилӣ, ки ба ҳайси онҳо маблағгузориҳои давлатӣ ва хусусӣ баромад мекунанд, бартарият дорад. Ҳарчанд дар минтақа умуман афзоиши инвеститсия ба мушоҳида мерасад, аён аст, ки ин ҳаҷми инвеститсия барои рушди устувори иқтисодӣ кофӣ нест. Барои ноил гардидан ба рушди инвеститсионӣ ҳам захираҳои инвеститсионии дохилӣ ва ҳам хориҷиро ба соҳаҳое равона кардан лозим аст, ки дар онҳо истифодаи самараноки инвеститсияҳо ба назар мерасад [9-М].

5. Арзёбии омилҳои таъсиррасон ба иқтисодиёти вилояти Суғд дар асоси EFAS-таҳлил нишон дод, ки вазъи ҳозираи минтақа аз миёна паст арзёбӣ мешавад. Сабаби ба миён омадани чунин вазъият дар минтақа вобастагии сахти иқтисодиёти вилояти Суғд аз тағйирёбии омилҳои беруна ва мавҷудияти омилҳои дохилӣ мебошад, ки фаъолнокии инвеститсиониро паст мекунанд. Дар иртибот бо ин нукта, барои ба даст овардани мақсаду вазифаҳои рушди дарозмуддати иқтисодиёт тартиб додани нақшаҳои стратегӣ дар сатҳи минтақаҳои алоҳида мувофиқи мақсад аст, ки дар онҳо стратегияи рушди инвеститсионӣ чун унсури калидии мустақил баромад мекунад. Чунин муносибат имкон медиҳад маҷмӯи тадбирҳо оид ба нақшагирии стратегияи рушди инвеститсионӣ, аз ҷумла ба вуҷуд овардани рейтинги миллии муҳити инвеститсионӣ ва соҳибкорӣ дар буриши миллӣ ва минтақавӣ, таъсиси марказҳои инноватсионию технологӣ, ташкили гуруҳҳо барои арзёбии вазъи фондҳои асосии корхонаҳои соҳаҳои пешбар (барои корхонаҳои се соҳаи афзалиятноки саноат), дастрасӣ ба санадҳои андозӣ ва дигар санадҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони англисӣ (барои ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ ба соҳаҳо оид ба истеҳсоли мансуоти тайёри филизӣ) асоснок карда шавад [11-М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ**

1. Барои амалигардонии роҳи инвеститсионии рушд стратегияи рушди инвеститсионии минтақаро чун воҳиди том ташаккул додан лозим аст, ки ба ҳайси барномаи мустақил ва калидии амалиёт баромад мекунад ва хусусиятҳои соҳавию дараҷаи таъминнокии минтақаро бо захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ ба назар мегирад. Алгоритми ташаккули стратегия аз ҳафт марҳила иборат аст ва ба постулатҳои таҳлили портфелии иқтисодиёти минтақавӣ асос меёбад.

2. Ба мақсади муайян кардани соҳаҳои афзалиятноки минтақа аз нуқтаи назари сармоягузорӣ истифодаи таҳлили стратегии портфелӣ тавсия шудааст, ки дар асоси суръати рушди соҳа ва ҳиссаи нисбии бозори соҳаҳои истеҳсолот таҳия шудааст. Ғайр аз ин, аз рӯи натиҷаҳои таҳлили портфелӣ вазъи имрӯзаи саноати вилояти Суғди ҶТ, аз нуқтаи назари рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақавӣ тибқи низоми даҳбалла бо се балл, яъне аз миёна паст арзёбӣ мешавад. Соҳаҳои саноати хӯрокворӣ ва истеҳсоли масуноти резинӣ ва пластмассӣ соҳаҳои афзалиятнок барои сармоягузорӣ маҳсуб мешаванд. Маҳз

ба соҳаҳои мазкур равона кардани захираҳои инвеститсионӣ боздеҳи аз ҳама зиёд меорад.

3. Дар кор қайд шудааст, ки дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди нақшагирии стратегӣ бо нақшаи миёнамуҳлати рушди минтақа ба охир мерасад. Ҳини нақшагирии стратегияҳо дар сатҳи минтақаҳо раванди мазкурро бо барномаҳои миёнамуҳлат ба итмом нарасонида, нақшаҳои стратегӣ таҳия кардан зарур аст. Бинобар ин, таҳияи нақшаи стратегии рушд на танҳо дар сатҳи мамлакат, балки дар сатҳи вилоят низ тавсия дода мешавад, ки дар он стратегияи рушди инвеститсионии минтақа чун унсури калидӣ баромад мекунад.

4. Дар боби севуми диссертатсия ҳисобкарди самаранокии инвеститсияҳо ба вилояти Суғд оварда шудааст. Ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки ҳар фоизи афзоиши инвеститсияҳо сабаби баландшавии ночизи (1 фоиз) МММ-и минтақа мегардад. Ин дар муқоиса бо минтақаҳои Федератсияи Русия, ки сохтори соҳавии иқтисодиёт ва ҳаҷми истеҳсолоти саноатии онҳо ба минтақаи мо шабоҳат дорад, хеле кам мебошад. Таҳияи нақшаи стратегии рушди инвеститсионӣ бо назардошти истифодаи тадбирҳои ба шароити мо мутобиқ гардонида аз таҷрибаи хориҷӣ, аз ҷумла аз таҷрибаи вилоятҳои Иваново ва Ростови ФР ба баланд бардоштани самаранокии инвеститсияҳо ва гирифтани боздеҳи иқтисодии аз натиҷаҳои мавҷуда назаррас зиёд имконият медиҳад.

## IV. НОМГӮИ ИНТИШОРОТЕ, КИ АЗ РӮИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ НАШР ШУДААНД:

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

[1-А]. Акилджанова Ш.Ю. Сущность и типы стратегического планирования инвестиционного развития региона / Ш.Ю. Акилджанова // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – №3 – С.108-115.

[2-А]. Акилджанова Ш.Ю. Современное состояние экономики и развитие инвестиционных процессов Согдийской области РТ / Ш.Ю. Акилджанова // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. – №3 (319). – С.85-89.

[3-А]. Акилджанова Ш.Ю. Алгоритм стратегического планирования инвестиционного развития экономики региона / Ш.Ю. Акилджанова, М.Ю. Юлдашева // Вестник ТГУПБП. Серия общественных наук. – 2019. – № 3 (81). – С. 77-88.

[4-А]. Акилджанова Ш.Ю. Методология определения и оценки инвестиционного развития региональной экономики / Ш.Ю. Акилджанова, М.М. Авезова // Вестник Российско-Таджикского (славянского) университета. – 2021. – №3-4 – С.45-57.

### Мақолаҳои илмӣ ва корҳое, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд

[5-А]. Акилджанова Ш.Ю. Механизм оценки инвестиционной привлекательности Республики Таджикистан / Акилджанова Ш.Ю. //

Международная Олимпиада научных работ молодежи «Инновационная Евразия» УРГЭУ. Екатеринбург, 2015. – С.71-73.

[6-А]. Акилджанова Ш.Ю. Механизм оценки инвестиционной привлекательности Согдийской области Республики Таджикистан / Ш.Ю. Акилджанова // Материалы 2-й Международной научно – практической конференции на тему «Перспективы и факторы обеспечения устойчивого развития экономики» ПИТТУ, - Худжанд, 2015. –С.117-123.

[7-А]. Акилджанова Ш.Ю. Экономико-математическое моделирование влияния инвестиций на экономику Согдийской области РТ / Ш.Ю. Акилджанова, П.У. Файзиева // ВЕСТНИК ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2016. – №1 (142). –С.125-130.

**[**8-А**]**. Акилджанова Ш.Ю. Пути повышения степени диверсификации на предприятиях промышленности (на примере ЗАО "Зерновая компания" / Ш.Ю. Акилджанова, // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2017. – №2 (142). –С.125-130.

**[**9-А**]**. Акилджанова Ш. Ю. Оценка современного состояния развития инвестиционных процессов Согдийской области РТ / Ш. Ю. Акилджанова // Россия в XXI веке: глобальные вызовы и перспективы развития: Материалы 9-го Международного форума,– Москва: Федеральное государственное бюджетное учреждение науки Институт проблем рынка Российской академии наук, 2020. – С. 467-470.

**[**10-А**]**. Акилджанова Ш. Ю. Стратегический анализ современного состояния региональной экономики как важный этап инвестиционного развития / Ш.Ю. Акилджанова, М.М. Авезова // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2021. – № 2. С.32.

[11-А]. Акилджанова Ш.Ю. Концептуальные направления стратегического планирования инвестиционного развития региона / Ш.Ю. Акилджанова, М.М. Авезова // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2022. – № 1. С.24-32.

# АННОТАЦИЯ

**к диссертации Акилджановой Шахнозы Юнусовны на тему «Стратегическое планирование инвестиционного развития региональной экономики (на примере Согдийской области Республики Таджикистан)»**

**Ключевые слова:** региональная экономика, инвестиционное развитие, безинвестиционное развитие, региональный экономический рост, инвестиционная активность, стратегия, стратегическое планирование, инвестиционная стратегия, стратегическое планирование инвестиционного развития региона, экономическая оценка региона.

**Цель исследования диссертационной работы** заключается в развитии теоретико – методических положений и практических рекомендаций по стратегическому планированию инвестиционного развития региональной экономики.

**Научная новизна и практическая значимость исследования** заключается в обосновании теоретико-методических положений и разработке комплекса мер, направленных на формирование концепции стратегического планирования инвестиционного развития региональной экономики, который в отличие от существующих, основан на положениях портфельного анализа, который позволяет определить траекторию инвестиционного развития в зависимости от жизненного цикла отрасли и производств. Обосновано, что применение методов портфельного анализа при разработке стратегии может обеспечить интенсивно-инвестиционную траекторию развития. В Согдийской области Республики Таджикистана высоким потенциалом инвестиционного развития обладают пищевая промышленность, производство резиновых и пластмассовых изделий, неэнергетических материалов и металлургическое производство. Стратегическая траектория развития подотраслей пищевой промышленности характеризуется как прогрессивная траектория новатора.

**Методическую основу исследования** составляют общенаучные и специальные методы исследования на базе комплексного подхода, сравнительной оценки, стратегического портфельного анализа. При разработке основных положений диссертации использовались диалектический, статистический анализ и экспертная оценка.

**Рекомендации по практическому использованию результатов исследования.** В диссертации предложено, что для реализации инвестиционного пути развития необходимо формирование стратегии инвестиционного развития региона как единого целого, выступающего как самостоятельная и ключевая программа действий, которая учитывает отраслевые особенности и степень обеспеченности региона материальными, трудовыми и финансовыми ресурсами. Для определения приоритетных отраслей региона с точки зрения инвестирования рекомендовано использование стратегического портфельного анализа, который строится на основе темпов роста отрасли и относительной доли рынка отраслей. Направление инвестиционных ресурсов в эти отрасли приведет к наибольшей отдаче.

## АННОТАТСИЯ

**Ба рисолаи Оқилҷонова Шахноза Юнусовна дар мавзуи: “Банақшагирии стратегии рушди инвеститсионии рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)”**

**Калимаҳои калидӣ:** иқтисодиёти минтақа, рушди инвеститсионӣ, рушди ғайриинвеститсионӣ, рушди иқтисодиёти минтақа, фаъолнокии сармоягузорӣ, стратегия, банақшагирии стратегӣ, стратегияи инвеститсионӣ, банақшагирии стратегии рушди инвеститсионии, баҳодиҳии иқтисодии минтақа.

**Мақсади таҳқиқот.** Кори диссертатсионӣ инкишофи муқаррароти назариявӣ-методӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба банақшагирии стратегии рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад.

**Навгонии илмии ва аҳамияти илмии таҳқиқот** ба асосноккунии муқаррароти назариявӣ-методӣ ва коркарди маҷмӯи тадбирҳо, ки ба ташаккули консепсияи банақшагирии стратегии рушди инвеститсионии иқтисодиёти минтақа нигаронида шудаанд ва бар хилофи алгоритмҳои мавҷуда ба муқаррароти таҳлили портфелӣ асос меёбад, ки ба муайян кардани траекторияи рушди инвеститсионӣ вобаста аз сикли ҳаётии соҳа ва истеҳсолот имкон медиҳад. Асоснок карда шудааст, ки истифодаи усулҳои таҳлили портфелӣ ҳангоми таҳияи стратегия метавонад траекторияи интенсивии рушди сармоягузориро таъмин намояд. Дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори баланди рушди инвеститсионӣ дар саноати хуроквОрӣ, истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмасӣ, масолеҳи ғайриэнергетикӣ ва истеҳсолоти металлургӣ мушоҳида мешавад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар кори диссертатсионӣ методҳои умумиилмӣ ва махсуси таҳқиқ, муносибати комплексӣ, арзёбии қиёсӣ, таҳлили стратегии портфелӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳангоми коркарди муқаррароти асосии диссертатсия таҳлили диалектикӣ ва оморӣ ва арзёбии экспертӣ (коршиносӣ) истифода шудаанд.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дар диссертатсия пешниҳод шудааст, ки барои амалигардонии роҳи инвеститсионии рушд стратегияи рушди инвеститсионии минтақаро чун воҳиди том ташаккул додан лозим аст, ки ба ҳайси барномаи мустақил ва калидии амалиёт баромад мекунад ва хусусиятҳои соҳавию дараҷаи таъминнокии минтақаро бо захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ ба назар мегирад.

Барои муайян кардани бахшҳои афзалиятноки минтақа аз ҷиҳати сармоягузорӣ тавсия дода мешавад, ки таҳлили портфели стратегӣ, ки ба суръати афзоиши соҳа ва ҳиссаи нисбии бозории соҳаҳо асос ёфтааст, истифода шавад.

Равона кардани захираҳои инвеститсионӣ ба ин соҳаҳо боиси боздеҳи бештар мегарад.

## ANNOTATION

**to the dissertation abstract of Oqiljonova Shahnoza Yunusovna on the topic «Strategic planning for the investment development of the regional economy (on the example of the Republic of Tajikistan's Sughd region)»**

**Keywords:** regional economy, investment amplification, non-investment development, regional economic growth, investment activity, strategy, strategic planning, investment strategy, strategic planning of the region's investment development, economic assessment of the region.

**The purpose of the dissertation research** is to develop theoretical and methodological provisions and practical recommendations for strategic planning of investment development of the regional economy.

**The scientific novelty and practical significance of the study** is to substantiate the theoretical and methodological provisions, work out a set of measures aimed at forming the concept of strategic planning for the investment development of the regional economy, which, in contrast to the existing ones, is based on the provisions of portfolio analysis, which allows determining the trajectory of investment development depending on life cycle of the industry and production. It has been proved that the use of portfolio analysis methods in developing a strategy can provide an intensive investment development trajectory. In the Sughd region of the Republic of Tajikistan, the food industry, the production of rubber and plastic products, non-energy materials and metallurgical production have a high potential for investment growth. The strategic trajectory of the expansion of sub-sectors of the food industry is characterized as a progressive trajectory of an innovator.

**The methodological basis of the study is general scientific and special research methods** based on an integrated approach, comparative assessment, and strategic portfolio analysis. Dialectical, statistical analysis and expert evaluation were used in the process of designing the main concepts of the dissertation.

**Recommendations for the practical use of research results.** The dissertation suggests that in order to implement the investment path of development, it is necessary to form a strategy for the investment development of the region as a whole, acting as an independent and key program of action that takes into account industry specifics and the degree of provision of the region with material, labor and financial resources. To determine the priority sectors of the region in terms of investment, it is recommended to use a strategic portfolio analysis, which is based on the growth rate of the industry and the relative market share of industries. The direction of investment resources in these industries will lead to the greatest return.

Сдано в набор 10.02.2023 г.
Подписано в печать 13.03.2023 г.
Формат 60х84 1/16. Бумага офсетная
Усл. п.л. 3,75. Заказ №63. Тираж 100 экз.

*Отпечатано в типографии Технологического парка ТГУПБП*
*г. Худжанд, 17 мкр., дом 1.*

Ба матбаа 10.02.2023 с. супорида шуд.
Ба чопаш 13.03.2023 с. имзо шуд. Қоғази офсет
Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи ч.ш. 3,75
Супориши №63. Адади нашр 100 нусха

*Матбаи Парки технологии ДДҲБСТ*
*ш.Хуҷанд, маҳаллаи 17-ум, хонаи 1.*